Нархаш 30 тин.

Э. ШОДИЕВ

# ШОИРАҲОИ ТОИНҚИЛОБИИ ХУҶАНД




Нашриёти „Ирфон“

ИНСТИТУТИ ОРДЕНИ «НИШОНИ ФАХРӢ»-ДОРИ
ДАВЛАТИИ ПЕДАГОГИИ ЛЕНИНОБОД
БА НОМИ С. М. КИРОВ.

Ба ҷашни 2500—солагии шаҳри Хуҷанд бахшида мешавад.

ШОДИЕВ Э.

# ШОИРАҲОИ ТОИНҚИЛОБИИ ХУҶАНД

Душанбе
Нашриёти „Ирфон"
1986

ББК 83.3(09)
8 Тоҷик
Ш 78

Шодиев Э.

Шоирахои тоҷиклобии Хуҷанд.—Душанбе: Ирфон 1986.—С. 64.

Китоби профессор Э. Ш. Шодиев дар бораи хаёт ва фаъолияти чанде аз шоирахои тоҷиклобии Хуҷанд, ба монанди: Мӯнисаи Махастӣ, Қамбархони Хуҷандӣ, Муаззамхон, Муаттархони Хуҷандӣ ва Бибифазилат нақл мекунад.

Онхо, бидуни Махастии Хуҷандӣ, шоирахое мебошанд, ки бо ду забон — тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеърхои баландмазмун эҷод кардаанд.

Шодиев Э.

Дореволюционные поэтессы Ходжента.

Книга профессора Э. Ш. Шодиева рассказывает о жизни и творчестве дореволюционных поэтесс Ходжента: Мунисы Махасти, Камбархон Худжанди, Муаззамхон, Муаттархон Худжанди и Бибифазилат.

Они, кроме Мухасти Худжанди, писали свои стихи на двух языках — таджикском и узбекском.

Ш $\frac{4702500100}{М 501(13)\text{-}86}$ —86

ББК83. 3(0)9
8 тоҷик I

© Нашриёти „Ирфон", 1986.

БУЛБУЛОНИ ХУҶАНД

Шаҳри Хуҷанд (Ленинободи ҳозира) аз кадимтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна буда, дар бисьёр сарчашмаҳои таърихӣ ҳамчун «т и р о з и  ҷ а ҳ о н» ном гирифтааст. Агар ба таърихи бои ин шаҳри бостонӣ назар андозем, мебинем, ки дар давоми асрҳои зиёд аз ин ҷо як қатор олимон ва арбобони намоёни адабиёту санъат баромадаанд.

Астрономи асри X Абу Маҳмуди Хуҷандӣ, шоираи забардасти асри XII Мӯнисаи Махастӣ, шоири ширинкаломи асри XIV Камоли Хуҷандӣ, хофизи хушхон ва бастакори маҳбуби халқ Содирхон, шоир ва олим Ҳоҷӣ Юсуф Ҳайъатӣ, шоири маорифпарвар Тошхоҷаи Асирӣ ва мисли онҳо садҳо олимон ва санъаткорон дар ин шаҳр ба дунё омадаанд.

Агар саҳифаҳои таърихи ин шаҳрро як-як варақ занем, гувоҳи он мешавем, ки дар ин шаҳр бисьёр шоирон ба воя расидаанд. Барои ҳамин ҳам дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддини Айнӣ, ки соли 1926 дар Москва ба табъ расида буд, ба шоирони аз ин шаҳр баромада мисли Шайх Муслиҳиддини Хуҷандӣ, Зиёиддини Форсии Хуҷандӣ, Ҳотифи Хуҷандӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ, Домулло Ҳоҷибой Лисонии Хуҷандӣ ва Асирии Хуҷандӣ маълумотҳои басе пурқиммат дода шудааст.

Ҳоло маълум аст ,ки фақат дар асрҳои XVIII ва XIX аз ин шаҳри суханварон ба монанди Шайдои Хуҷандӣ, Шӯхӣ, Нозили Хуҷандӣ, Фоизи Хуҷандӣ, Дониши Хуҷандӣ, Махдуми Кошиф, Қори Мӯҳсини Хуҷандӣ, Мулло Бадал Нузҳати Хуҷандӣ, Мутриби Хуҷандӣ, Равнаки Хуҷандӣ, Маъюси Хуҷандӣ, Муҳаммадаминхоҷа Ко-

шиф, Маҳзуни Хуҷандӣ, Мухлиси Хуҷандӣ, Фахрии Румонӣ, Файёзи Хуҷандӣ барин даҳҳо нафар шоирони мумтоз ба воя расидаанд, ки аз баъзеи онҳо мероси адабии гаронбаҳо боқӣ мондааст.

Дар Хуҷанд дар давоми чандин асрҳо як қатор шоираҳои бомаҳорат ба воя расидаанд. Онҳо дар эҷодиёти худ анъанаҳои гузаштагон ва ҳамзамонони худро ривоҷу равнақ дода, рози дили худро бо ғазалҳои ашколуд таранnum кардаанд.

Дар тӯли ин асрҳо дар як қатор шаҳрҳои Осиёи Миёна шоираҳои бисьёре эҷод кардаанд, инчунин дар бораи Дилшоди Барно, Анбар Отун, Нозима Хонум, Оҷиза, Самарбону, Осима Хонум, Ҷаҳон Ойим, Сиддиқа Бибӣ, Биби Ҳамида, Нигор Хонум, Нозукбибии Хӯқандӣ, Лайли Хонум, Ҳакима, Мутриба, Зиннатун Нисо, Нурҷон—Бегим, Тоҳираи Насафӣ, Маҳзуна, Нодира, Махфии Бадахшӣ барин шоираҳо маълумотҳои муфид ба даст оварда шудаанд. Дар ҳамин давра дар шаҳри Хуҷанд ҳам мисли Зебои Хуҷандӣ, Муаззамхон, Бибии Хуҷандӣ шоираҳои закитабъ ба кори эҷодӣ шуғл варзидаанд.

Аммо то ба наздикӣ мунаққидони адабиёт аз шоираҳои Хуҷанд асосан номи Мӯнисаи Маҳастии Хуҷандиро медонистанду халос. Барои ҳамин ҳам вақте, ки Тоҷӣ Усмон китоби «Бисту се адиба»-ро тартиб дод, ғайр аз Маҳастӣ дигар ягон шоираи Хуҷандро ба ин рисолаи худ дохил накарда буд. (1)

Дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва бозьёфтҳо дар хусуси адибаҳои Хуҷанд маълумотҳои пурбаҳо ба даст оварда шуд. Рӯзе бо як дастнависи нодир шинос шудем. (2) Ин дастнавис аслан калонҳаҷм буда, аммо бо мурури замон дар натиҷаи аз даст ба даст гузаштан як қисми он дарида, қисми зиёдаш аз байн рафтааст. Қисми аввали дастнавис (то саҳифаи 157) ва варақҳои пас аз саҳифаи 348 омада низ афтодааст. Варақҳои алоҳидае, ки дар охири дастнавис дида мешавад, рақамҳои тартибӣ надоранд. Дар саҳифаҳои 158-169-и ин дастнавис ғазал ва мухаммасҳои Девона Махмур, дар саҳифаҳои 169-202 шеърҳои Ҳавоӣ, Шавқӣ, Маҷрӯҳ, Қорӣ, Максуд дида мешавад.

Кай, дар куҷо ва аз тарафи кӣ тартиб дода шудани ин дастнавис маълум нест. Тахмин меравад, ки ин



дастнависи мӯътабар як чанд сол пеш аз инқилоби Октябри Кабир китобат гардидааст. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки ин дастнавис ба қаламн шоира Муаттархони Хуҷандӣ тартиб дода шудааст. Авлодони шоира ин фактро тасдиқ карда истодаанд. Дар натиҷаи бо диққат омӯхтани ин манбаъ маълум гардид, ки дар он шеърҳои лабрези ғаму андӯҳи Муаззамхони Хуҷандӣ ва чакидаҳои қалами адибаҳои боистеъдоди муосири ӯ Қамбархони Хуҷандӣ ва Муаттархон, ки аҳвол ба касе маълум набуд, ҷой доранд.

Мураттиб дар дастнависи мазкур шеъри ҳар як шоираро дар алоҳидагӣ ҷой додааст. Аз саҳифаҳои 205 то 267 шеърҳои Қамбархони Хуҷандӣ, аз саҳифаҳои 268 то 310 ғазалҳои шоира Муаззамхон ва дар саҳифаҳои минбаъда аз мероси адабии Муаттархони Хуҷандӣ намунаҳо оварда шудааст. Пеш аз оғози шеърҳои ҳар як шоира муқаддимаи анъанавӣ, ҳамду наътъ оварда шуда, сипас аз эҷодиёти онҳо намунаҳо оварда шудааст. Ин дастнависи пурбаҳоро «Маҷмӯаи се шоираи Хуҷанд» номидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, тавассути ин дастнавис бо эҷодиёти се шоираи Хуҷанд шинос шудем. Мо дар ин бора дар ҷамъомади шӯъбаи ленинободии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ахборот дода будем (3) Баъдтар дар газетаи «Тоҷикистони Советӣ» дар бораи ин бозьёфти мо маълумоте дарҷ гардид. (4) Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои бисьёр боз якчанд маълумотҳои наву тоза низ ба даст омад.

Ҳамин чиз қобили қайд аст, ки ин се шоира намояндаи як оилаанд. Қамбархони Хуҷандӣ, ки адибаи боистеъдод ва соҳибзавқе буд, ки дар дили духтаронаш Муаззамхону Муаттархон шавку ҳаваси шеъргӯиро бедор карда, дар роҳи эҷодӣ бевосита ба онҳо устодӣ кардааст.

Ин се шоира асарҳои худро бо ду забон офаридаанд. Онҳо дар ҳаёти адабии замони худ мавқеъи хосае дошта, дар шеърҳои худ ҷабру кулфати замон ва ғаму андӯҳи халқро равшан ифода намудаанд.

Албатта, дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX боз бисьёр шоираҳо шеър эҷод кардаанд. Чӣ тавре, ки маълум гардид, хешовандони он шоираҳо Мӯнисахон ва Мӯъминахон низ бо кори эҷодӣ машғул будаанд.

Онҳо низ бо ду забон менавиштанд. Ғайр аз ин Маҳзунаи Хуҷандиро номбар кардан мумкин аст, ки дар он давр ҳамчун шоира шӯҳрати тамом дошт. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои бисьёр мо дар бораи Бифазилати Хуҷандӣ низ маълумотҳои гаронбаҳо ҷамъ кардем ва бо эҷодиёти ӯ як қадар шинос гаштем. Дар дасти мо дар бораи боз якчанд шоираҳои Хуҷанд, мисли Хайриниссо, Ойчучук ва дигарон баъзе маълумотҳо ҷамъ шудааст.

Ҳамин тариқ, имрӯз дар дасти мо дар бораи як зумра шоираҳои хуҷандӣ материалҳо, факту ҳуҷҷатҳо ҷамъ шудаанд. Мо дар ин рисола дар бораи баъзе шоираҳои Хуҷанд мисли Мунисаи Маҳастӣ, Қамбархони Хуҷандӣ, Муаззамхон, Муаттархон ва Бифазилати Хуҷандӣ сухан хоҳем ронд.

## МӮНИСАИ МАҲАСТӢ

Чун мурғи заифу бепару беболам,
Афтода ба дому кас надонад ҳолам.
Дарде ба дилам сахт падид омадааст,
Имрӯз мани хаста аз он меноламъ.

Ин сатрҳои дилсӯзу ғамангез ба қалами шоираи забардасти асри XII Мӯнисаи Маҳастии Хуҷандӣ тааллуқ дорад. Дар бораи ин шоира дар бисьёр тазкираҳою асарҳои таърихӣ, ҳатто дар як қатор асарҳои бадеӣ маълумотҳо, ишораҳо, таърифу тавсифҳо ба назар мерасад. Дар «Хайрат-ул-хисон»-и Муҳаммад Ҳасанхони Эътимод-ус-салтана, дар тазкираҳои «Риёз-уш-шуаро», «Офтоби оламтоб», «Уфрот»-и Тақиуддини Бальёмӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, дар «Тазкират-ул-хавотин», «Тазкираи хушгӯ», дар асарҳои бадеии Фақирии Деҳлавӣ, Лисонии Шерозӣ, Шайхи Аттор, Ҷавҳарии Бухорои, Низомии Ганҷавӣ ва ғайраҳо номи ин шоира зикр шудааст, шӯҳрати қалами ӯ, як қатор фазилатҳои беназири ӯ васф карда шудааст, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти адабиаш маълумотҳои фаровон дода шудааст.

Як қатор олимон дар бораи ин шоира фикру мулоҳизаҳои хеле муфид баён кардаанд. Бояд эътироф кард, ки дар бораи омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти ин шоира тадқиқотҳои ҷолиби диққатро Тоҷӣ Усмон ба ҷо овардааст. Вай дар бораи ин шоира аввал дар китоби «Бисту се адиба» (1) маълумот дода, дертар доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Маҳастии Хуҷандӣ рисолаи алоҳида таълиф намуд, (2) дар он асар шарҳи ҳол ва эҷодиёти шоира хеле муфассал тадқиқ шудааст.

Дар тазкираҳо ва манбаъҳои қадима доир ба ному тахаллуси шоира, доир ба ҷои таваллуди ӯ ақидаҳои ҳархела мавҷуданд. Ӯро баъзан Хуҷандӣ ва баъзан Ганҷавӣ меноманд. Муаллифи «Тазкират-ул-хавотин» Мавлавӣ Абдулбории Осӣ менависад, ки ӯро баъзе тазкиранависон Нишопурӣ ва қисми дигарашон Бадахшонӣ донистаанд. Баъзеҳо номи ӯро «Мӯниса» не, балки «Мӯнчча» ё ки «Мунижа» мегӯянд. Тахаллуси адабии ӯро «Маҳастӣ» не, балки ҳамчун «Меҳситтӣ» эзоҳ медиҳанд.

Албатта, мулоҳизаҳои оид ба тахаллуси ин шоираро рубоиҳои зерини ӯ ҳам як қадар тасдиқ мекунанд:

Эй бод, ки ҷон фидои пайғоми ту бод
Гар баргузарӣ ба кӯи он ҳурнажод,
Гӯ дар сари роҳ Меҳситтиро дидам,
К-аз орзуи ту ҷони ширин медод (3)

* * *

Ман Меҳситиям аз ҳама хубон шуда тоқ,
Машҳур ба ҳусн дар Хуросону Ироқ.
Эй пури хатиби Ганҷа, аз баҳри худо,
Мағзор чунин бисӯзам аз дарди фироқ. (4)

Аммо дар эҷодиёти шоира дигар мисолҳо ҳам мавҷуданд, ки онҳо бо тахаллуси «Маҳастӣ» омадааст. Ба мақтаи зерини яке аз ғазалҳои шоира нигаред, ки он бо ин тахаллус навишта шудааст:

Ҳамдами дилсӯзтар набвад Маҳастиро зи шамъ
Худ бибояд ашк резад дар азои хештан (5)

Барои ҳамин ҳам мо дар ин ҷо бо дигар тадқиқотчиён баҳс накарда, асосан ному тахаллус ва ҷои таваллуди ӯро ба назар гирифта ӯро ҳамчун Мӯниса Маҳастии Хуҷандӣ меномем.

Мӯниса Маҳастӣ дар охирҳои асри XI, тақрибан дар солҳои 1097—1098 дар шаҳри Хуҷанд ба дуньё омадааст. Солҳои ҷавониаш дар ҳамин шаҳр гузаштааст. Аз

хурдӣ ба мактаб рафта соҳиби хату савод, илму адаб гаштааст. Чунон ки дар китоби «Шоира Маҳастӣ» гуфта мешавад: Мӯнисаи ҷавон соҳиби зеҳни баланд буда, дар як муддати кӯтоҳ илмҳои расмии замонашро аз худ мекунад. Илова бар ин Мӯниса, дорои овози фораму дилкаше буд ва ба хондани сурудҳо рағбати томе дошт. Падари вай, ки шахси зирак, дӯстдори санъати мусиқӣ ва ракс буд, истеъдод ва ҳаваси духтарашро зуд дарк менамояд. Аз ин сабаб ӯ чанде аз устодони моҳири мусиқӣ ва раксро, ки дар Хуҷанди онвақта машҳур буданд, ба манзили худ даъват намуда хоҳиш менамояд, ки ин санъати нафисро ба духтари ӯ таълим диҳанд.

Мӯниса дар як муддати кӯтоҳ ҳамаи 12 боб ва 24 шӯъбаи мусиқиро, ки дар он замон шӯҳрат дошт, ба ҳадди ҳайратангез аз худ мекунад. Хусусан ба навохтани ҷанг, барбат ва уд маҳорати махсус пайдо менамояд. Инчунин ҳамаи навъҳои раксҳои мафтункунандаро ба дараҷаи аъло меомӯзад.

Ҳанӯз дар ҳамон давраҳо дар Мӯниса табъи шеърнависӣ низ пайдо мешавад ва чанде нагузашта вай дар байни шоирон ва аҳли адабиёт чун моҳе дар байни ситорагони шабафрӯз зоҳир мегардад...(6).

Баъди вафоти падари дилсӯзаш шароити зиндагии оилаи ӯ, ки ғайр аз худашу модараш дигар касе набуд, ниҳоят вазнин мешавад. Барои ҳамин ҳам ӯ тақрибан дар солҳои 1118—1119, дар синни бистсолагиаш бо ҳамроҳии модараш маҷбур мешавад, ки шаҳри Хуҷандро тарк кунад. Баъд аз сафару ранҷу машаққатҳои бисъёр ба шаҳри Ганҷа меоид. Дар ин ҷо дере нагузашта бо шеъру суруд ва мусиқинавозии худ дар байни аҳолии Ганҷа шӯҳрат пайдо мекунад.

Аммо дар ин ҷо ҳам шоира бо осиштаги ҳаёт ба сар бурда наметавонад. Чи хел, ки ба мо маълум аст шоҳи Ганҷа — Султон Санҷар ӯро барои сари итоат ҳам накарданаш чандин бор ба ҳабс андохтааст. Вақте, ки ин шоҳи золим Маҳастиро бори дуюм ба зиндон меандозад, аҳли адабу фазл ва арбобони тараққипарвари аркони давлат талаб менамоянд, ки шоираи бегуноҳ аз ҳабс озод карда шавад. Шоҳ Санҷар маҷбур мегардад, ки талаби дарбориёнашро иҷро кунад (7).

Мегӯянд, ки шоираро аз Ганҷа бадарға мекунанд.



Вай сарсону саргардон ба Занҷони Эрон ва Балхи Хуросон меравад, аз он ҷо ба Марв мегузарад. Вай ба зодгоҳаш шаҳри Хуҷанд имконияти омадан надошт, барои ҳамин ҳам боз ба Ганҷа рафт ва то охири ҳаёти худ дар он шаҳр монд. Шоира 86 сол умр дидааст ва тақрибан дар соли 1183 вафот кардааст.

Мӯнисаи Маҳастии Хуҷандӣ, ҳамчун шоираи соҳибзавқи баландистеъдод дар замони худ дар байни адибони он аср басо ҳурмату эҳтиромро сазовор гаштааст ва басе шӯҳратманд гардидааст. Адиб Собири Тирмизӣ, шоири бузург Низомии Ганҷавӣ ва дигар ҳамзамону ҳамқаламони ин шоираи забардаст будаанд.

Барои ҳамин ҳам дар тазкираҳо вақте ки дар бораи ӯ сухан меравад, маҳорати баланду истеъдоди беназири ин шоираро бағоят таърифу тавсиф кардаанд.

Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи Маҳастӣ чунин сатрҳо навишта шудааст:

«Маҳастӣ шоираи забардаст, дабира ва зарифаи рӯзгор, надимаи роҳнамою сӯҳбатортон султон Санҷар буд. Табъи баланди бадеҳагӯӣ дошт. Дар як шаби зимистон султон Санҷар базми бошукӯҳе барпо кард, ки дар он бузургон, гӯяндагони бисъёр ҷамъ омада буданд. Дар он Маҳастӣ низ ҳузур дошт. Дар асnои базм Маҳастӣ барои рафъи ҳоҷат аз он ҷо бархоста берун меравад. Вақте ки ӯ аз берун бозмегардад, султон мепурсад: «ҳаво чӣ гуна аст?» Маҳастӣ фавран ҷавоби зеринро медиҳад:

Шоҳо, фалакат аспи саодат зин кард
В-аз ҷумлаи хисравон туро таҳсин кард,
То дар ҳаракат саманди заррииаъллат
Бар гил нанихад пой, замин симин кард.

Султон аз шунидани ин шеър хушнуд гашта, Маҳастиро бисъёр навохт ва муқаррабӣ худ сохт».

Дар китоби худ бо номи «Зани суханварон» Али Акбар Салимӣ маҳорати баланди ин шоираро қайд намуда, дар хусуси эҷодиёти ӯ суханҳои зеринро баён кардааст:

«Ин зани суханвари номдору арҷманд дар пурқувватии суханварӣ ва пояи баланди донишу ҳунар ба ҷое расида буд, ки метавон гуфт, аз занони гӯяндаи бузург ва дараҷаи аввали забони форсӣ аст. Донишмандӣ ва

сухандонии ин зани боистеъдоду ҳунарманд то дараҷае афзуда буд, ки вай тавонист аз таровиши табъи равону завқи саршораш ёдгориҳои барҷаста гузорад. Шеъри форсии беҳтарин чорпоя ва рубоиро бо равиши тозае ҳанӯз дар садаи (асри) панҷум бас пухта ва нағз сурудааст. Истеъдоди бисёр тавоное доштааст...»

Оре, шоира Мӯнисаи Маҳастии Хуҷандӣ яке аз адибони шӯҳратманди замони худ буд. Барои ҳамин ҳам номи ӯро на фақат ҳамдиёронаш бо эҳтиром ёд мекунанд, балки берун аз диёраш дар бисёр мамлакатҳо низ асарҳои ӯ шӯҳрати тамом дорад.

### Намунаҳо аз ашъори Маҳастӣ[1]

Моро ба дами тир нигаҳ натвон дошт,
Дар ҳуҷраи дилгир нигаҳ натвон дошт,
Онро, ки сари зулф чу занҷир бувад,
Дар хона ба занҷир нигаҳ натвон дошт.

* * *

Овозаи гул дар анҷуман? Чизе нест!
Тифл асту даридапираҳан, чизе нест!
Ху кардаю сурх гаштаю шармзада,
Муште зари хӯрда дар даҳон, чизе нест.

* * *

Афсӯс, ки атрофи гулат хор гирифт,
Зоғ омаду лоларо ба минқор гирифт.
Симоби занахдони ту овард милод,
Шанҷарфи лаби лаъли ту зангор гирифт.

* * *

Қор аз лаби хушку дидаи тар бигузашт,
Тири ситамат зи ҷону дил барбигузашт,
Обем намуд бас тунук оташи ишқ,
Чун пой бар он ниҳодам, аз сар бигузашт.

* * *

Дар буткада пеши бут таҳиёт хуш аст,
Бо соғари якмайӣ муноҷот хуш аст,
Тасбеҳу мусаллои риёӣ хуш нест,
Зуннори ниёз дар харобот хуш аст.

1. Намунаҳо аз ашъори Маҳастӣ аз китоби Тоҷӣ Усмон интихобан гирифта шудааст — (Э. Ш.)



Он бут, ки рухаш рашки гулу ёсуман аст,
В-аз ғамзаи шӯх фитнаи марду зан аст,
Дидам ба рухаш латиф чун оби равон,
Он оби равон ҳанӯз дар чашми ман аст.

* * *

Дар оташи дил парир будам бинхуфт,
Де боди сабо хуш сухане бо ман гуфт,
К-имрӯз ҳар он, ки обрӯе дорад,
Фардош ба хоки тира мебоид хуфт.

* * *

Лола чу парир оташи шӯр ангехт,
Де наргиси оби шарм аз дида бирехт,
Имрӯз бунафша атр бо хок омехт,
Фардо саҳарӣ боди суман хоҳад бехт.

* * *

Айём чу оташкада дар синаи мост,
Олам ҳама дар фасона аз кинаи мост,
Инак ба масал чу кӯзае об хӯрем,
Аз хоки бародарони пешинаи мост.

* * *

Дар дил ҳама ширку рӯй бар хок чӣ суд?
Заҳре, ки ба ҷон расида, тарёк чӣ суд?
Худро ба миёни халқ зоҳид кардан
Бо нафси палиду ҷомаи пок чӣ суд?

* * *

Пайваста харобот зи риндон хуш бод,
Дар домани зӯҳди зоҳидон оташ бод!
Он далқи дусадпораву он суфи кабуд,
Афтода ба зери пои дурдикаш бод!

* * *

Шоҳо, зи манат мадҳу сано бас бошад,
З-ин авраги бечора дуо бас бошад.
Ман гов наям, на шоҳ дархӯрди ман аст,
В-ар гов тӯӣ, шоҳ—дуто бас бошад!

* * *

Гул сохт зи шакли ғунча пайкове чанд,
То ҳамла барад ба ҳуси бар ту, дилбанд,

Хуршеди рухат чу тег бинмуд аз дур,
Пайкон сипаре кард, сипар ҳам афканд.

* * *

Бас чаир, к-аз он ғамзаи зебот кашанд,
Бас дард, к-аз он қомати раънот кашанд,
Бар натъи вафо биёр шатранчи маро,
Охир, рӯзе ба хонаи мот кашанд.

* * *

То кай зи ғами ту рух ба хун шӯяд дил,
В-озарми висоли ту ба ҷон ҷӯяд дил,
Раҳм ор, к-аз осмон намеборад ҷон,
Бахшой, ки аз замин намерӯяд дил.

* * *

Қассоби манию дар ғамат мечӯшам,
То корд ба устухон расад, мекӯшам,
Расмест туро, ки чун кушӣ, бифрӯшӣ,
Аз баҳри худо, агар кушӣ, мафрӯшам.

* * *

Он зулфи шикастаро зи рух як сӯ зан,
Бар ҳар ду тараф мазан, ту бар як сӯ зан.
Ғар оташи ишқи ту фитад, як сӯзан,
Як сӯ ҳама мард сӯзаду як сӯ зан.

* * *

Дар фиғонам аз дили дерошнои хештан,
Ҳӯ гирифтам ҳамчу най бо нолаҳои хештан.
Чуя ғаму дарде, ки дорад дӯстиҳо бо дилам,
Ёри дилсӯзе надидам дар сарои хештан.
Ман киям?—Девонае, к-аз ҷон харидори ғамат,
Роҳатеро марг медонад барои хештан!
Шамъи базми дӯстонам, зиндаам аз сӯхтан,
Дар вароҳ равшанӣ бинам фанои хештан.
Он ҳубобам, к-аз ҳаёти хеш дил барканда ам,
З-он, ки худ бар об мебинам биноя хештан.
Ғунчаи пажмурдае ҳастам, ки аз каф додаам,
Дар баҳори зиндагӣ атру сафои хештан!
Орзуҳои ҷавонӣ ҳамчу гул барбод рафт,
Орзуи марг дорам аз худои хештан.
Ҳамдаме дилсӯзтар набвад Маҳастиро зи шамъ,
Худ бибояд ашк резад дар азои хештан.



## ҚАМБАРХОНИ ХУҶАНДӢ

Мероси адабии ин шоираи ширинбаён то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ӯ баъзе тадқиқотҳо мавҷуд асту халос (1). Девони пурраи ӯ то ҳол ба даст надаромадааст. Аммо дар асоси дастнависҳои мавҷуда дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ӯ баъзе маълумотҳо метавон пайдо кард.

Дар таърихи адабиёт адибоне, ки бо тахаллуси «Хуҷандӣ» эҷод кардаанд, басо бисьёранд. Аксар соҳибқаламон, ки аслан аз шаҳри Хуҷанд будаанд, ба тахаллуси адабии худ калимаи «Хуҷандӣ»-ро илова мекарданд, дигарон худи ин калимаро ба сифати тахаллуси адабӣ истифода менамуданд.

Қамбархон, ки дар миёнаҳои асри XIX мезист, маҳз бо ҳамин тахаллус шеър эҷод кардааст. Мувофиқи акидаи яке аз хешовандони шоира, Қоимахон-ая Қамбархони Хуҷандӣ 68 сол зистааст. Соли таваллуди ӯ тахминан ба солҳои 1810—1820 рост меояд. Аз ин факт маълум мешавад, ки ӯ дар байни солҳои 1876—1880 вафот кардааст. Ӯ аз гузари Чоршанбеи маҳаллаи Масҷиди Саври Хуҷанд буда, тамоми ҳаёти худро дар ин шаҳр гузаронидааст. Дар дастнависе, ки то ба даврай мо омада расидааст 49 шеъри шоира, ки аз 800 мисраъ иборат аст, ҷой дорад. Онҳо аз ғазалу мухаммасҳои ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навишташуда иборат буда, аз маҳорати баланди шоираи зуллисонайн шаҳодат медиҳанд.

Азбаски шоира тахаллуси «Хуҷандӣ»-ро интихоб кардааст ва бо ғазалу мухаммасҳояш бо ҳамин тахаллус имзо гузоштааст, баъзеҳо шубҳа карданашон мумкин, ки шеърҳои бо ин тахаллус навишташуда ба ин шоира не, балки ба ягон шоир тааллуқ дорад. Аммо шеърҳои шоира ин шубҳаҳоро бартараф хоҳад кард.

Қамбархони Хуҷандӣ дар яке аз ғазалҳои ӯзбекии худ менависад:

> Мен муборак боғи ичра бир гули садбарги тар,
> Кӯрдим: анда очилибдур ғунчайи лаъли шакар.
> Захмати беҳад чекиб, ҳажру тағофилалар кӯриб,
> Умрим ӯтти, во дариғо, ёри золим бехабар...(2)

Муаллиф дар ин мисраъҳо худро ба гул монанд карда бошад, дар шеъри «Дар ҳаҷру тағофил гуфта» номи-

дааш худро ба моҳ ташбеҳ медиҳад, ба Зулайхое, ки дар ҳаҷри Юсуф месӯзад, монанд месозад. Қасе, ки сатрҳои зеринро мутолиа месозад, ба дурустии ин фикр боварӣ ҳосил мекунад:

...Пир шудам дар кӯи ишқаш, шояд аз васлаш насиб,
Чун Зулайхо дар ғами Юсуфи Канъон аст ҳанӯз.
Э Хуҷандӣ, ин тани фарсуда дар ишқаш бисӯхт,
Аз ғами васлаш дилам ҳар дам парешон аст ҳанӯз (3).

Шеърҳои шоира дорои санъати баланду хосаест. Онҳо бо равшании фикр, равонии услуб фарқ карда меистанд. Аксарияти шеъру ғазалҳои шоира дорои аҳамияти иҷтимоӣ буда, дар онҳо дард, алам ва азоби ҳиҷрон ифодаи бадеи ёфтааст, вале дар эҷодиёти шоира қисман байту ғазалҳои дорои оҳанги тасаввуфомез низ ҷой дорад.

Асоси эҷодиёти Қамбархони Хуҷандиро асарҳои дар рухи шикоят аз замона, ҳаёти вазнин, фақириву нодорӣ навиштаашуда ташкил медиҳанд. Аз мутолиаи шеърҳои шоира аён мегардад, ки ӯ дар шароити вазнин, танҳо ва ғарибона умр ба сар бурдааст. Чунки ӯ бо оҳанги яъсу ноумедӣ аз замона шикояткунон бисьёр шеърҳо офаридааст:

Ба олам аз ҳама ғамҳо фироқи бекасӣ мушкил,
Зи фикри зиндагӣ ин ҷо фироқи бекасӣ мушкил...
Асири фурқати ёро, хафифу зору бемору,
Ба ҳар ғамҳо гирифторо, фироқи бекасӣ мушкил...
Тағофул то ба кай созӣ ба озори мани мискин,
Ҳабибо, маҳвашо, ҷоно, фироқи бекасӣ мушкил... (4)

Чунон ки ба мо маълум аст, дар замони гузашта қисми зиёди ҷабру зулми замона ба сари занҳо меом[а]. Бинобар ин шоираҳои пешқадами замон аз ғаму беҳуқуқии занҳо шиква карда, ба ин восита норозигии худро нисбат ба замона ифода менамуданд.

Маҳз чунин кайфият дар шеърҳои Қамбархони Хуҷандӣ ҳам ба назар мерасанд. Аз мусибатҳои гарони замон нолакунон шоира чунин мисраъҳои пурдарду андӯҳ офаридааст:

...Эй фалак, сандин шикоят тонг эмас, этсам, агар,
Жабру бедоду тағофул шиларинг айтсам агар,
Халқи олам дод этиб, афғон этарлар, алхазар,



Заррача қилмас асар оҳи жунуну нолалар,
Зулм уйни тазмини этарга сан каби йӯқ Зу финун.

Бир куни йӯкки, ситам тоши бошимга урмасанг,
Бир туни йӯкки, қаро шайн бошимга қурмасанг,
Бир саҳар йӯкки, кӯзимдан кон ёшимни тӯкмасанг,
Бир замон йӯкки, заҳар лойин ошимга урмасанг,
Хоҳишинг макру фиребу созишинг дарду фусун...(5)

Шоира аз бевафоии замона ба дод омада онро хонаи ҳасрат ва фитнаҳо меномад. Азбаски орзу ва умедҳои шоира дар он замони тира ҷомаи амал намепӯшиданд, вай баъзан ғарқи дарьёи ноумедӣ мегардид. Лекин ӯ ҳамеша шарики дарду ғами халқи мазлуму бечора буд. Қамбархони Хуҷандӣ яке аз донишмандони замони худ ба ҳисоб мерафт. Ӯ мисли худ шахсони «Фозил ва арбоби маъни»-ро ҷустуҷӯ мекард, вале дарнаёфта, бисьёр афсӯс мехӯрд ва бо сатрҳои таассуфангез ин ҳолати ногувори худро ба риштаи назм мекашид.

Қисми калони шеърҳои ӯро ғазалҳои лирикӣ ташкил мекунад. Дар ин намуд ғазалҳои худ шоира ҳамчун ошиқи ҳаёт ва мафтуни маҳбуби соҳибҷамол намудор мешавад. Шеърҳои лирикии ӯ содда ва равон буда ба сурудҳои халқӣ монанд аст.

Мана, яке аз ғазалҳои лирикии ӯ:

Тири нигоҳи ҷонон карда маро нишона,
Шуд синаам ҷароҳат, худро кушам гарона.
Гуфтам: «Расон ба васлат» рӯзе ба аҷзу зорӣ,
Гуфто: «Биё замоне дар сӯҳбатам шабона»,
Гуфтам: «Шудам ғуломат, ман садқаи каломат»,
Гуфто: «Макун маломат бо мардуми замона».
Гуфтам: «Сабо ба кӯят созад гузар паёме»,
Гуфто: «Магӯ саломе, қосид макун равона»,
Гуфтам: «Биё ҳабибам, дарди маро табибам»,
Гуфто: «Даво надорад, бо ман макун баҳона!»
Гуфтам: «Агар бимирам аз фурқатат, нигоро»,
Гуфто: «Кушам намозе аз баҳри ту дугона»,
Гуфтам: «Куҷо биҷӯяд васли туро Хуҷандӣ?»
Гуфто: «Дили шикаста, он дилбари ягона»(6)

Аксарияти ғазалҳои Қамбархони Хуҷандӣ шеърҳои ошиқона буда, шоира дар он ҳиссиёти нозук ва поки инсониро тараннум карда, изтироби маъшуқ ва ошиқро дар роҳи муҳаббат равшан тасвир намудааст. Ин қабил шеърҳо ба оҳанги равон ва бо вазни сабук эҷод шудаанд. Шоира дар ғазалҳои худ ба воситаи мисраъ ва

байтҳои ҷудогона ишқи ҳақиқии инсониро ситоиш карда, ба муқобили сафсатаҳои рӯҳониён, ки муҳаббати поки инсониро инкор менамуданд ва ҳаёти он дунё, биҳишт, ҳуру париёнро ташвиқ мекарданд, ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст.

Қисме аз шеърҳои шоира моҳияти иҷтимоиро доро мебошад. Чунон ки ба мо маълум аст, дар замонҳои гузашта доройён ва ҳокимони замон барои афзун гардониданӣ сарват, бароӣ боз ҳам ғуломy асир гардониданӣ халқи меҳнаткаш кӯшиш менамуданд. Қамбархони Хуҷандӣ ба ин қабил шахсон бо чунин мисраҳо муроҷиат кардааст:

Ҷаҳон гар ба комат нагардад, чӣ шуд?
Халоиқ ғуломат нагардад, чӣ шуд?
Ба базми машиййат дар ин зиндагӣ,
Шаробе ба комат нагардад, чӣ шуд?
Ба маҳфили иззат ғанию ғайӣ,
Рамузи каломат нафаҳмад, чӣ шуд...
Ниҳода камманди мудом ҳирсу оз,
Ки сайде ба домат наафтад, чӣ шуд? (7)

Гарчанде ки шоира дар ғазалҳои худ ба дараҷаи замони навро тараннум кардан нарасида бошад ҳам, вале ӯ хайрхоҳи халқи меҳнаткаш буд. Қамбархони Хуҷандӣ дар асарҳои худ мақоми меҳнат ва аҳли меҳнатро баланд бардоштааст. Ӯ аҳли ҷоҳ ва касонеро, ки ба ғайр аз хӯрдану хобидан ҳунаре надоштанд, ҳайвон номидааст. Ҳарчанд фикру ақидаҳои иҷтимоии шоира ба дараҷаи вайрон карданӣ сохти мавҷудаи феодалӣ ва бунёди ҷамъияти нав насабзида бошад ҳам, шоира дар хусуси ҳаёти нек ва аз ҷабру ғами рӯзгор фориғ, дар дил орзуҳо мепарварид. Ӯ ҳар субҳро бо орзу ва умедҳои тоза истиқбол менамуд, саҳаргоҳ пару боли орзуҳояш мешикастанд ва ӯ мисли булбул нолаҳо мекард. Лекин Қамбархон ба субҳи умед таваҷҷӯҳи хоса дошт ва онро тарғиб менамуд:

То ба кай хоби ба ғафлат, бехабар з-асрори субҳ,
Хез, э ғофил, нигар бо талъати дидори субҳ...
Иллати дарди дилатро то ба кай ҷӯӣ даво,
Гар шифо дорӣ таманно, рав, ту шав бемори субҳ.
Хӯрдану хуфтан шиори худ макун ҳамчун баҳим,
Бош акнун, эй бародар, як шабе бедори субҳ.
Эй Хуҷандӣ, нола кун шаб то саҳар чун андалеб,
Ғунчаи дил бишкуфад аз нашъаи гуфтори субҳ.(8)



Шоира дар давоми ҳаёти худ шоҳиди разолат ва риёкориҳои шайху зоҳидон гардида, нафраташ ба онҳо рӯз аз рӯз меафзуд. Ин оҳанг махсусан дар сатрҳои поён, ки чун васиятнома ба хешу ақрабоҳо садо медиҳад равшантар шунида мешавад:

Ба рӯзи маргам, эй ёрон, насозед нолаю афғон,
Биёред барбату мутриб, навозед чанги хушилҳон...
Ба гирди тобутам созед ғарибон, бекасон рақсе,
Дареғу ҳасрату афсус ҷаво созед дастафшон,
Нагӯед зоҳиди худбин, барои таълиям он рӯз,
Бихонед осии мискин, фақиру ошиқи риндон... (9)

Мисолҳои дар боло овардашуда аз чашмаи илҳоми шоираи зулласонайн қатраест чанд Лекин ҳамин қатраҳо ҳам аз истеъдоди баланд ва табъи нозуки ин шоира гувоҳи медиҳанд. Агар мероси адабии Қамбархони Хуҷандӣ пурра ба даст омада, тадқиқ карда шаванд, ганҷинаи таърихи адабиётамон боз ҳам ғанитар хоҳад шуд.

### Намунаҳо аз ашъори Қамбархони Хуҷандӣ

1

Дар дили мо чуз хаёли гулрухон номаҳрам аст,
Базми моро чуз висоли дилбарон номаҳрам аст.
Андалеби ишқ ояд тахти гулзори рухаш,
Бо ҳазорон нола он дам булбулон номаҳрам аст.
Хатти худ кан, чун шуди маҳруми базми он санам,
Ғайри маҳи ӯ шудан оҳу фиғон номаҳрам аст.
Бо гурӯҳе кардам аз кӯши гузар диду нахонд,
Аз хиҷолат гуфтам ӯро ҳамраҳон номаҳрам аст.
Зоҳидо, то кай ба фикри ҳури ҷаннат мешавӣ,
Гар умеди васли ӯ дорӣ ҷаҳон номаҳрам аст.
Обу нон бошад ду гетӣ гар таомул созӣ ту,
Бар сари хӯбби ҷаҳон боши чинон номаҳрам аст.
Булҳавас роҳе набошад дар ҳарими кӯи дӯст,
Базми васлашро ба ғайр аз ошиқон номаҳрам аст.
Мекунад таҳқир мискин хоҷагони молу ҷоҳ,
Бар ҳадиси фахру фақри гумраҳон номаҳрам аст.
Даст диҳад моро агар (холо) лабони он парӣ,
Қулқули мияон даври соқиён номаҳрам аст.
Меҳри май, шамъи рухаш гирди чу парвона шуд,
Бар нигоҳи чашми ӯ чуз бисмилон номаҳрам аст.
Э, Хуҷандӣ таърифи зоту сифоти он нигор,
Гар надонӣ рад акнун ҷоҳилон номаҳрам аст.

2

Асрат дуньяи завқ, бодаи саҳбо абас,
Дар маҷоҳам бе лаби лаълу рухи зебо абас.
Чашми худро во куну бингар ҷамолу ҳусни ёр,
Варна аз будан чӣ ҳосил, дидан бино абас...
Гар насозӣ кори худ, ин ҷо пушаймонӣ чӣ суд?
Ҳасрату афсӯсу оҳу нолаи фардо абас.
Сурхии рухсори хубон гар набошад ҳар баҳор,
Лолаи гулҳо барои зиннати саҳро абас.
Муддао аз кавсари фирдавси олӣ рӯи ёр,
Варна пеши ҳиммати мо ҷаннати ақбо абас.
Бе ҷамоли рӯи ёру, бе лаби майгуни ӯ,
Соқӣ дар кони ҷомам нашъаи мино абас...

3

Нагардад ковеъ доно ба ҳар дар чун гадо мӯҳтоҷ,
Набошад ошиқи мискин ба ҷуз ҳақ бо ризо мӯҳтоҷ.
Нигоро мурдам аз ҳаҷрат, илоҷи дарди ман месоз,
Мариди бистарӣ ишқат бувад у бо даво мӯҳтоҷ.
Сафои ботин аз хоки ту, эй зоҳид, ба меҳробӣ,
Намозу тоати мискин набошад бо риё мӯҳтоҷ...
...Ту бо саҷҷодаи тасбеху мусаллю гушаи ачин,
Ман аз хорзу бо зори накардам бо ридо мӯҳтоҷ.
Кушода укдаи дилро биҷустам аз насими субҳ,
Шукуфта ғунчаи дилҳо ба гулшан бо сабо мӯҳтоҷ.
Танам бе лажку, поям бароҳна кӯҳ ба кӯҳ гаштам,
Хуҷандӣ ошиқе ҳастем чу булбул бо наво мӯҳтоҷ.

4

То ба кай хобӣ ба ғафлат бе хабар з-асрори субҳ,
Хез, эй ғофил, нигар бо талъати дилдори субҳ.
Бо либоси ботинат ранги кудратхои даҳр
Собунеро кун талаб аз кортаки анвори субҳ.
Зан шабехуи то расӣ бо домани ёди саҳар,
Гар ту ҳастӣ огаҳӣ аз суръати рафтори субҳ.
Иллати дарди дилатро то ба кай ҷӯӣ даво?
Гар шифо дорӣ таманно, рав ту шаи бемори субҳ.
Хӯрдаву хуфтаи шикори худ макун ҳамчун баҳим,
Бош акнун, эй бародар, як шабе бедори субҳ.
Эй Хуҷандӣ, нола кун шаб то саҳар чун андалеб,
Ғунчаи дил бишкуфад, аз нашъаи гуфтори субҳ.





Расми № 1. Саҳифаи 228-уми «Маҷмӯаи се шоирии Хуҷанд». Шеърхои Қамбархони Хуҷандӣ.

5

Бе ҷамолат пеши ошиқ сӯҳбати ағёр талх,
Улфати нодону доно, дӯстон бисёр талх.
Булбули доно макун ҳамсуҳбати зоғи хасис,
Коми нутқи хушнаворо чун даҳони мор талх.
Ҳар киро набвад агар ҳамсӯҳбаташ хубу латиф,
Дар мазоқаш зиндагӣ чун шарбати кӯкнор талх.
Гуфтаат ҳар чанд бувад ширин магӯ ҳарфи касир,
Мерасад бо гӯши соми' гуфтан бисёр талх.
Метавонӣ рӯ макун дарди дилеро бо табиб,
Аз даво оҷиз агар гардад дили бемор талх.
Рафтаму ҷустам ба саҳро турбати Фарҳоди ишқ,
Сӯҳбати масти ҷунун бо мардуми ҳушёр талх.
Гар Хуҷандӣ бошад он маҳваш агар соқӣ бинӯш,
Бе ҷамолат пеши ошиқ суҳбати ағёр талх.

6

Ғавоза' пеша кун ҷонон нигоҳат дар назар афтад,
Макун гардан фароз ин ҷо чу най охир ба сар афтад.
Шаби маҳрам ба васли он бути зебо шабехун зан,
Ба рӯи барги гул шабнам намебинӣ, саҳар афтад...
...Ба базме шав суханоро ба маҳфили ҷаҳонбин,
Зи гармӣ дар дили санги рақибонат шарар афтад.
Ба далқи кӯҳнаи доно маханд, эй хоҷа, аз наҳват,
Ҳариру атласи дунё ҳамеша ҷули хар афтад.
Нигоре дораму маҳво, ба гетӣ ясрибу бутхо,
Расон масти ғуборамро сабо онҷо гузар афтад.
Машав мағрури оғӯши аҷӯзи золи бадмеҳре,
Талоқаш кун занеро, ки Хуҷандӣ, дарбадар афтад.

7

Ҳар замон оид ба гӯшам аз бари ҷонон навид,
То ба кай хобӣ ба ғафлат, номаат поён расид!
Ноқаи шавкат ба ҷавлон оварад тай кун тариқ,
Уқбаҳо дар пеши роҳат ҷумлаи корвон расид...
...Мо бидонем қадри он неъмат, ки донад он касе,
Зарбаи душман бидиду кулфати имон кашид.
Қадри Лайлӣ донад он Маҷнун, ки дар водии ишқ,
Дар талаб бар пои худ хори муғелон мехалид.
Кӯҳкан зарбе, ки он захме, ки бар ҷонаш бихӯрд,
Ҷорӣ аз ҳасрат ҳамон хуне, ки аз мижгон чакид.
Мард бошад то занад теғи муҳаббат дар масоф,
Ҳарб орад бо рақибу дар миён гардад шаҳид.
Зоҳидон то кай кунанд сарро ба меҳроби суҷуд,
Бар дари пири муғон гашта аҷаб маъсон сафид...

8

Ҷаҳон гар ба комат нагардад, чӣ шуд?
Халоиқ ғуломат нагардад, чӣ шуд?
Ба базми маишат дар ин зиндагӣ,
Шаробе ба комат нагардад, чӣ шуд?
Ба маҳфили илмат ғанию ғавӣ,
Рамӯзи каломат нафаҳмад, чӣ шуд?
Ду рӯзӣ ба гетӣ гули навбаҳор,
Ба тарзи надомат нахандад, чӣ шуд?
Чу ошиқ вуҷуди сафоҷӯи зӯҳд,
Нишони маломат нагардад, чӣ шуд?
Ниҳода каманди мудом ҳирсу оз,
Ки сайде ба домат наафтад, чӣ шуд?

9

Бихез аз хоби ғафлат, он нигори дилфигор омад,
Ба уммеди висол ин ҷо дар оғӯшу канор омад
Ғарибу бекасу зору нанфу нотавони ишқ,
Ба роҳат лошаву лангу занфу бемадор омад.
Рафиқон, ҳамдамон аз ин ҷо шуд доғ бар дилҳо,
Ниҳода дарди дил гуфтем, на ҳар кас ғамгусор омад.
Зи ҳаҷрат мардуми васлат насиби роқибонам шуд,
Зи ишқи булҳавас, ҷоно, ба наздат эътибор омад.
Фиғон аз гардиши даври забуну вожуни гардун,
Ба нодон арзишу оқил ба базмаш хору зор омад.
Ба дилҳо наштару пешаш халида сад алам, сад оҳ,
Ба ҷонҳо кулфати захми синонаш бешумор омад.
Шикоят то ба кай созӣ Хуҷандӣ аз фалак хомӯш,
Ҷигарҳо хуни ваз'и каҷраваш ин ҷо ҳазор омад.

10

Аз ғами васлаш дилам ҳар дам парешонаст ҳанӯз,
Дидаам аз ҳасраташ ҷӯши намакдонаст ҳанӯз.
Як шабе хуршеди рӯяш тал'ати моҳтоб бурд,
Аз фурӯғи оразаш ин моҳ чу ҳайронаст ҳанӯз.
Тӯтии нақлаш такаллум кард ҷандин мурдаро,
Зинда кард аз хиҷлаташ Исо ба осмонаст ҳанӯз.
Як шабе омад ба кулбам, ман ба хидмат солҳо,
Меравам дар мақдамаш, аз баски меҳмонаст ҳанӯз.
Аз ғами ҳаҷру фироқаш ҷон ба лаб омад басе,
Доим аз дасташ маро ҷоки гиребон аст ҳанӯз.
Бемурувват кас набинад монанди ӯ дар роҳи ишқ,
Мурдаам аз ҳасраташ дар тарки эҳсонаст ҳанӯз.
Ҳар замон оид ба гӯшам аз фироқаш нолаҳо,
Дар биёбони муҳаббат оҳу афғон аст ҳанӯз.

Пир шудам дар кӯи ишқаш шояд аз васлаш насиб,
Чун Зулайхо дар ғами Юсуфи Канъон аст ҳанӯз.
Эй Хуҷандӣ, ин тани фарсуда дар шавқаш бисӯхт,
Аз ғами васлаш дилам ҳар дам парешон аст ҳанӯз.

11

Во дарего, фурсати умри азизат шуд талаф,
Эй ба ғафлат монда ғофил, аз қарини нохалаф.
Ту агар огаҳ зи асли хилқати худ мешудӣ,
Гавҳарӣ будию гашти эй дили санги хазаф.
Рӯзу шаб дар хӯрдану хуфтан туи ҳамчун баҳим,
Доббаи нафс шав, минбаъд бихур камтар алаф.
Гавҳари мақсуди ин баҳри амиқи бегарон,
Муддао бошад ба як луқма қаноат чун садаф.
...То ба кай боши паи нафсу ҳаво, э булфузул,
Роҳ меран ту, ки бошанд ҳамншинони салаф.
Эй Хуҷандӣ зери ин чархи кабуди пурҷафо,
То тавони як дили озурдаро овар ба каф.

12

Васли ҷонон дар хаёли гӯшаи ишқ асту ишқ,
Хоҳиши он ёри хубон пешаи ишқ асту ишқ.
Базму васлаш гар ҳамехоҳӣ ба роҳаш зан қадам,
Хок созад дар раҳаш андешаи ишқ асту ишқ.
...Домани дилро манеҳ ҳаргиз ба дасти ин бутон,
Ғофил андар моли он чӯшидан ишқ асту ишқ.
Эй Хуҷандӣ, гар наҷоти ҷовидон хоҳӣ агар,
Дар ду олам меҳри ёрат тӯшаи ишқ асту ишқ.

13

Ба олам аз ҳама ғамҳо фироқи бекасӣ мушкил,
Зи фикри зиндагӣ ин ҷо фироқи бекасӣ мушкил.
Мадор оғаи дар ин гетӣ ба ҳар кас бо муроди ӯ,
Манол аз теғаи рашто фироқи бекасӣ мушкил,
Асири фурқати ёро хафифу зору беморо,
Ба ҳар ғамҳо гирифторо фироқи бекасӣ мушкил.
Чи кулфатҳои лабӯхоо расид охир туро ҳар дам,
Таҳаммул метавон кардо, фироқи бекасӣ мушкил.
Тағофул то ба кай созӣ ба озори мани мискин,
Ҳабибо, маҳвашо, ҷоно фироқи бекасӣ мушкил.
Ба ин кӯчи ғарибона на хушёрам, на девона,
Ба ҳуснат гаштаам воло, фироқи бекасӣ мушкил.
Хуҷандӣ кун шикебоӣ, ба меҳнатҳои дунёӣ,
Дар ин водии танҳоӣ фироқи бекасӣ мушкил.





Расми № 2. Саҳифа аз ҳамон дастнавис. Шеърҳои Қамбархони Хуҷандӣ.

Доимо ларзад тани ман заррасой
Бекарору бекарору бекарор...

Ҳар чӣ созӣ созу манмо рӯзи ҳашр
Шармсору шармсору шармсор,

Баъди фаитам бо дуо ёдам кунед,
Дӯсту ёру дӯсту ёру дӯсту ёр.

Эй Муаззам, гиръяд он ду бачаат
Ашкбору ашкбору ашкбор.

2

Дар ғарибиҳо машав маҳзун, ту, эй ҷон, ғам махӯр,
Дар ҷунин даврон мусофир кулли инсон ғам махӯр.

Ин ҷаҳон корвонсаро, халке биёяду раванд,
Ту ҳам охир меравӣ, ҳастӣ ту меҳмон, ғам махӯр...

Даҳр чун мотамсаро, дар он касе дилшод нест,
Бар ҳама халқон бувад ин хона зиндон, ғам махӯр.

Шукр бинмо чун биёяд бар сарат санги ҷафо,
Тири тӯҳмат бар ҷигар ояд чу пайкон ғам махӯр.

Эй Муаззам, чун замин шав, гар занандаш тешаҳо,
Сӯи ту дашномҳо ояд фаровон ғам махӯр.

3

Ғарибам шаҳратонро, дӯстон, ман,
Дурафтода зи боғу бӯстон ман.

Фалак андохт ногаҳ бо фалоҳун,
Ки афтодам дар ин ҷо нотавон ман...

Ҳама фарзанд дар шаҳри адам рафт,
Дар ин водӣ катори зиндагон ман.

Дилам сангу забонам тезу рӯ-сахт,
Ба нуқсонҳо шуда монанди кон ман.

Қадам монда ба роҳи нафс кардам
Гумон даври фалакро ҷовидон ман.



Бурун рафтам зи раҳ бо макри шайтон
Накарда раҳм бар ҷони ҷавон ман.

Муаззам, гар ҷафо фисқ асту, лекин
Туро якто шуморам дар ҷаҳон ман.[1]

4

Фалакнинг жабридиндур кўнглума озор ҳар соат,
Жароҳатлик кўнгулга санчилур кўп хор ҳар соат.

Жамолинг орзусида қизил гул олдига борсам,
Тегар ҳар хоридин кўнглумга юз озор ҳар соат.

Фироқингда бўлибман телба, ўзумни биломайман,
Қилурман нолаву фарёди Мажнунвор ҳар соат.

Қаю махлуқ қадам қўйса менинг байтулҳазонимга,
Қилурман олдида васфингни ҳам такрор ҳар соат.

Кўзимдин уйқуни ихрож қилди шоми ҳижронинг,
Анинг учун дамодам йиғларам хунбор ҳар соат.

Баногаҳ кавкаби наҳсим тулуъи саъда айланса,
Камин айлаб аши игво қилур ағёр ҳар соат.

Фалак соқийси сунди жоми ғам, ичдим, йиқилдим ман,
Ғамингдин ҳар замон қайнаб чиқар зангор ҳар соат.

Фалак тарҳи жудолик солмасун (ҳеч кимса ошиқка)
Ғарибликдин Муаззам тортадур озор ҳар соат.

5

Барча аъзо шоҳиси, бўлма жафокор, эй кўнгил,
Сен жафо қилсанг табиат топғай озор, эй кўнгил.

Тавсани фикрат минib, ҳар ёна чобук сакратиб,
Юрмагин, йўлда бўлур кўп деви маккор, эй кўнгил.

Ақлу идрок ила қилгил машварат ҳар корга,
Бўлодур бемаслаҳат иш анча душвор, эй кўнгил.

Ақл вазирдур, ҳар қаён йўл бошласа ҳамроҳ бўл,
Ҳар сўз айтса, сўзига сен қилма инкор, э кўнгил.

1. Ин се ғазалро аз ўзбекӣ А. Давронов тарҷума кардааст. (Э. Ш.)

## 14

Дилбарим, зикри лутфинг тинмай айтай, дўст-дўст,
Фиркату хажру фирокинг йиглаб айтай, дўст-дўст.

Саждаи сарви кадинг этмиш гулу гулгунчалар,
Қомати зебо нигорим васфин айтай, дўст-дўст.

Бул фалак ранги юроким ахтари дудимидур,
Ё кўнгил охимидур, билмамки, айтай, дўст-дўст.

Ул кавокиб шуъласи ишқ ўтининг баркимудур,
Лолаи даври камар ўлмишки, айтай дўст-дўст.

Ул қуёш хар кун чикиб, кўк фаркина жавлон этиб,
Шам аро кўрсам сужуд килмишки, айтай дўст-дўст.

Бўлмагил харгиз Хужандий булхавослар олдида,
Гар умед этсам висоли доим айтай, дўст-дўст.

## 15

Дариго жам ўлуб этдук ракиблар базмина сухбат,
Фалак даври букун солди аромиз васлина фуркат.

Кетур май гулгуни доим димогим тоза эт хар дам,
Фани Жамшед ила жоми ғанимат бил бикун фурсат.

Не муддатлар ўтуб кажрав фалак созиш килиб, афсус,
Бу туи кулдан кетар базми парилар, юз туман хасрат.

Кўнгулнинг дардини сўрдим, давоси васли жон эрмиш,
Нигорим кўзина суртдум юзумни, дейди: «Йўқ хасрат!»...

## 16

Ман муборак боги ичра бир гули садбарги тар,
Кўрдим анда очилибдур ғунчайи лаъли шакар...

...Захмати бехад чекиб, хажру тағофиллар кўруб,
Ўтти умрим, во дариго, ёри золим бехабар.

Эй, алифдек коматинг, жоно, гулистон нахлидур,
Ё магар боги эрам сарви келибдур жилвагар.

Хамду мадхинг қайси тил бирла адо килсам бўлур?
Бу таманно бирла доим бўлмишам хуни жигар.

Ё кошинг тири камон, киприкларинг ёйлармудур?
Бу ғариб жонга халаф янглиғ хамеша санчилар.

Марҳамат этгил хабибо, дилбаро, ман хастага,
Бир йўли кўрдим, асир этдинг мани сан, эй гухар.

Хоки пойинг тўтиёдур, сурма янглиғ кўзума,
Гул узордек узра кўймиш сопеъи кудрат магар.

Назм аро килдим нихон исму жисминг сўрсаким,
Эй Хужандий, олса хам хар байтидан харфе чиқар.



## 17

Оқариб сочу соколинг ўзга келмайсан ханиз,
Ғофилу бебоку золим, товба қилмайсан ханиз.

Сан каби ланги валанду йуктурур хамроларинг,
Еталармиз нега бир-бир, йўлга кирмайсан ханиз.

Дахр аро кўрдумки, пандинг бўлмаган подону гул,
Фурсати умри азизинг ўтти билмайсан ханиз.

Хохиши нафсингни излаб, кулфати бехад чекиб,
Хар каён елдек юрурсан нега билмайсан ханиз.

Самъи хушинг пузбаи ғафлат ила мамлумидур,
Бир неча панд айласам, бир сўзга қонмайсан ханиз...

Эй Хужандий, саждайи мехроб эрур кўйи нигор,
Айла, эй ғофил, лахад куйинга ётмайсан ханиз.

## 18

Вафоси йўқ бу дунёдин фароғат кўрмадим харгиз,
Ғаму мотам аро умрум, халоват кўрмадим харгиз.

...Жахоннинг бутлари золим, ситамкор, бевафо, бадху,
Хамеша арзу дод айлаб, адолат кўрмадим харгиз.

Халойиқ офати бирла юрудум сарфи умр айлаб,
Хар иш бирла бу жонлардин рафоат кўрмадим харгиз.

Муроди нафси шум айлаб, ани хукмида юрдум ман,
Залолат йўлига кирдим, хидоят кўрмадим харгиз.

Хужандий, ман каби ғофил кўрунмас халқ аро жохил,
Сани шахси вужудингдин иродат кўрмадим харгиз.

## 19

Дарего, этмадим арбоби маъни хизматин, афсус,
Юрудим хар каён, топмай уларнинг сухбатин, афсус.

Югурдим ел каби хар сў, муроди нафси бад излаб,
Таманно ўлмади хосил, кўрармен хижлатин, афсус.

Кўнгулни кайд этиб ранжури зулфи мугбача юз доғ,
Куюб бағрим уза, пайлай, чекарман кулфатин, афсус.

Максу дарду фироқ ичра, нигорим васлига етмай,
Ракиблар жоми лаълидин ичарлар шарбатин, афсус.

Адабсиз махфили айшим, табиат зишту нокобил,
Қилолмай бехаёликдин рафики хурматин, афсус.

Хужандий, умр ўтуб бир дам ўзунгга келмадинг, юз ох,
Чиқормай хотирингдин сан кўнгулнинг хижлатин, афсус.

## 20

Номи хубинг зикри хар дам кўнглими шод айламиш,
Шамъи рўйинг, эй пари, парвонаваш ёд айламиш.

Жамъ ўлуб парвоналар шамъи жамолинг даврида,
Рашкдин золим ракиблар дастидин дод айламиш.

Дарди дилни ман агар арз айласам қилмас қабул,
Булбули руҳим сани шавқингда фарёд айламиш.
Нуктайи зикринг сани кўнглумга бир роҳат дурур,
Эй Хужандий, бул ҳавасни қутбу автод айламиш.

## 21

Бир париваш муғбача ҳайрон этибдур, ҳай дариғ,
Ишқ йўлида дидами гирён этибдур, ҳай дариғ.
Меҳнату ҳажру фироқу тортибон жабру ситам,
Маҳсари васл этмайин ҳайрон этибдур, ҳай дариғ.
Жон тапиш айлар мудом бисмил каби туфроқ уза,
Ханжари мужгон ила қурбон этибдур, ҳай дариғ.
Чини абру очини қаҳр айлаюб доим манго,
Хеч кўзига илмайин нолон этибдур, ҳай дариғ.
Заҳра йўқтурки, тамошо айласам шамъи жамол,
«Юм кўзинг!» деб ул мани фармон этибдур, ҳай дариғ.
Бедаво дарда нигорим солдию бир боқмоди,
Бевафолар дардина дармон этибдур, ҳай дариғ.
Эй Хужандий, кулбайи зулмат аро шамъи висол,
Ёнмайин ҳаргиз анга эҳсон этибдур, ҳай дариғ.

## 22

Муроду мақсудинг билма, агар бўйнунгни ҳам этсанг,
Етарсан васлига, жоно, агар ўзунгни кам этсанг...
Таассуф этма, эй ғофил, жаҳоннинг нашъасин кўрмай,
Кечарсан ишрати дунё агар сан фикри жам этсанг,
Кўнгил ойинайи занги кудуратлар сафо топкай,
Муҳаббат ўтидин ёқиб агар бағринг баҳам этсанг.
Ҳама афсус ила ҳасрат, таҳаммул айладим шавкат,
Ҳаво йўлига юр доим агар сомони ғам этсанг.
Қаноат гўшасин тутқил, югурма ҳар қаён бежо,
Зиёда ўлмагай қисмат, агарчи кашфи фан этсанг.
Тилингни сақла, гар сўзинг дури лаъли Яман бўлса,
Кўзингни асрагил, роҳат агар дидангни ҳам этсанг.
...Қаю мажлис аро кирсам, рақиблар бадгумон анда,
Хужандий, тут паноҳ ёраб, агар кўнглингда рам этсанг.

## 23

Бемурувват муғбача бедодидин фарёду дод,
Кўз нигоҳи мардуми жаллодидин фарёду дод.
Қомати сарви сиҳидек, гул юзи боғи эрам,
Ҳар қаён масмуъ ўлан шаддодидин бедоду дод.
Тифли ошиқи фалак маҳдида арзоъ айламиш,
Лайливаш, Ширин каби маҳзодидин фарёду дод.
Ўлма ғофил чарх расмин гардиши фарҳангидин,
Кимники кўрсам, қилур имлодидин фарёду дод.
Фахр эт, қилма таҳаммул молу жоҳ, фарзандлара,
Хеч кими йўқ демас у авлодидин фарёду дод.
Ҳар нафас руҳи адам шаҳдида жавлон эттучи,
Чун вужуда келди сўнг, эъжодидин фарёду дод.
Зоҳидо, таъна этмагил мунча Хужандий ҳолига,
Мунфаъил ҳар дам дегай бунёдидин фарёду дод.

## 24

Жаҳонга эътимод этма, нигорони бақо кўрдум,
Ҳамеша созишу рангу фусуни бевафо кўрдум.
Бу ҳасратхонаву маҳзун муқаддар хотирим ҳар ким,
Мушавваш ошубу фитна қилибдур бесафо кўрдум.
Паёми аржайи етғай халойиқ оҳи бимина,
Чиқар асли ниходидан, жаҳон размин азо кўрдим.
Қани Одам, қани Ҳавво, Фаридун, Рустаму Доро?
Ўлумни дастидан охир бу дунёда фано кўрдум.
Кел, эй соқий, қадаҳ сунгил, кўнгулни ғуссадин соф эт,
Кел, эй мутриб, наво этгил, суруднинг ғамзадо кўрдим...

## 25

Эй фалак, сандин шикоят тонг эмас, этсам агар,
Жабру бедоду тағофил қилларинг айтсам агар,
Халқи олам дод этиб афғон этарлар, алҳазар.
Заррача қилмас асар оҳи жунуну нолалар,
Зулм уйин тазмин этарга сан каби йўқ Зўфунун.

Бир куни йўққи, ситам тошин бошимга урмасанг,
Бир туни йўқки, қаро шайи бошимга қурмасанг,
Бир саҳар йўқки, кўзимдан қон ёшимни тўкмасанг,
Бир замон йўқки, заҳар лойин ошимга урмасанг,
Хоҳишинг макру фиребу, созишинг макру фусун.

Бир дили вайронайи аҳли муҳаббат топмадим,
Бир тани афсонайи ишқи муҳаббат топмадим,
Бир ўзи девонайи шавқи муҳаббат топмадим,
Бир сўзи мастонайи завқи муҳаббат топмадим,
Дарди дилни кимга айтиб, кимга йиғлайман бикун.

Эй Хужандий, айладинг ишқи нигорингни ниҳон,
Охири ўлмай, дариғ, афсонайи халқи жаҳон,
Вомиқу Фарҳоду Мажнун сан каби этди фиғон,
Кеттилар етмай муродга сўзлари қолди аён,
Ҳоли ҳам етмиш қулоққа неча аср ўтти қурун.

## МУАЗЗАМХОН

Номи шоираи боистеъдод Муаззамхони Хуҷандӣ дар солҳои охир ба адабиётшиносон маълум гардид. Адабиётшиносон М. Кодирова (1), Т. Ҷалолов (2) дар асарҳои худ дар хусуси ҳаёт ва эҷодиёти ин шоира маълумотҳои пурқиммат додаанд. Дар кори илмии олими ҷавони ӯзбек И. Сувонкулов дар мавзӯи «Шоирони музофоти Ҷиззах» (3) ҳам дар хусуси эҷодиёти Муаззамхон сухан меравад. Муаллифи ин сатрҳо ҳам дар бораи ин шоира баъзе бозьёфтҳо ва тадқиқотҳои худро эълон кардааст(4).

Чунон ки ба мо маълум аст, Муаззамхони Хуҷандӣ соли 1833 дар шаҳри Хуҷанд, гузари Чоршанбеи маҳаллаи Масчиди Савр таваллуд шудааст. Ӯ аз ҷавонӣ бо зеҳни бурро ва қобилияти баланди худ фарқ карда меистад, дар ташаккули истеъдоди эҷодиаш модараш Қамбархони Хуҷандӣ ва падараш Мулло Мирсаид хеле кӯмак кардаанд.

Вақте ки Муаззамхон синни 16-ро пур кард, падару модараш ӯро ба Эшонхон ном муллобачае ба шавҳар доданд. Пас аз чанд муддат Эшонхон ба назди хешовандон ба шаҳри Ҷиззах кӯчид. Аз ин сабаб Муаззамхон то охири умраш дар ҳамин ҷо умр ба сар бурда, дар синни 84-солагиаш (яъне соли 1917) дар Ҷиззах вафот кардааст. Дар асарҳои Муаззамхон ишора меравад, ки ҳаёти ӯ дар ғарибӣ бо ғаму андӯх гузаштааст. Шоираи ба азоби палонҷ гирифтор гашта, аз чор фарзандаш паси ҳамдигар ҷудо мешавад. Ғаму андӯх, азоби ғарибӣ, вафоти фарзандон ва изтиробҳои беохир ба саломатии Муаззамхон таъсири манфӣ мерасонанд, вай дили пурандӯҳи худро ба воситаи шеърҳо таскин медод. Д-
солҳои охир аз ду чашм ҷудо гашта дар бистари беморӣ дуру дароз хобид. Дар ҳамин асно ҳам шоира шеъргӯиро тарк намекард.

Дар дастнависе, ки ба мо дастрас гардид, пас аз шеърҳои Қамбархони Хуҷандӣ шеърҳои Муаззамхон ҷой гирифтааст ва он қисм: «Ин назми ҳамди бечора ойими Ҷиззахӣ маҷруҳиро бисьёр кашида» ном дорад ва дар саҳифаҳои 268—310-уми дастнавис 28 шеъраш оварда шудааст. Дар варақҳое, ки ба сифати иловаи



дастнавис оварда шудааст, асосан шеърҳои Муаззамхон ҷой дорад.

Дар китоби Т. Ҷалолов «Ӯзбек шоиралари» аз эҷодиёти ӯ «Кӯнглимга озор ҳар соат», «Дилбаримни ёд қилсам», «Бемадору бемадору бемадор», «Бул фалак жабру жафони», «Эй тамошои руҳинг», «Эй сабо», «Дилрабо», «Мисоли най», «Хатинг айлар», «Нола айлаб», «Дӯстлар доғи жудолик», «Ғариблик юртида» барин 17 шеъри Муаззамхон оварда шудааст. Аксарияти ин шеърҳо дар дастнависи номбурда дучор оянд, ҳам қисме аз онҳо тамоман наванд.

Муаззамхон ба монанди модараш Қамбархони Хуҷандӣ шоираи зуллисонайн аст. Ҳоло дар дасти мо бисьёртар шеърҳои ӯзбекии шоира мавҷуд аст, шеърҳои ба забони тоҷикӣ навиштаашуда ҳанӯз камтар ба даст омадааст.

Аз мутолиаи ашъори шоира маълум мегардад, ки ӯ умри худро ба хориюю зорӣ гузаронидааст. Дар ин хусус ӯ дар яке аз ғазалҳояш менависад:

Ба рӯзи бекасӣ ҷуз ғам ғарибонро кӣ мепурсад?
Ба ғайр аз дард, ҳоли дардмандонро кӣ мепурсад?
Зи васли дӯстон маҳрум, ватан вайрона маҳлунем,
На волид, на валад, ин хонавайронро кӣ мепурсад?
Ҷудо аз дидаи равшан, ҳамеша бо дили пурғам,
Ба рӯз оварди ин шабҳои танҳоро кӣ мепурсад?
Гаҳе оқил, гаҳе Маҷнун, аҷоиб ҳолате дорам,
Ба ҷуз девона, к-он Маҷнуни ҳайронро кӣ мепурсад?
Фитода дар чаҳи зулмат, намеёбам раҳи мақсуд,
Ки ин побастаи маҳбуси зиндонро кӣ мепурсад? (5)

Дар замоне, ки Муаззамхон ҳаёт ба сар мебурд ҳоли беваю бечорагон, ғарибу мискинонро ҳеҷ кас намепурсид, маҳкамаҳои давлатӣ, дину шариат ба манфиати ҳукуматдорон хизмат мекарданд. Барои ҳамин ҳам шахсони боистеъдод мисли Муаззамхон аҳволи вазнини халқи худро дида, нолаю фиғон мекарданд, ҳасратҳои халқро бо ғаму андӯҳи худ ҳамроҳ карда месуруданд. Барои ҳамин ҳам дар аксарияти шеърҳои ин шоира аз фалак, замона нолаҳо шунида мешуданд.

Шеърҳои шикоятии Муаззамхон ба асарҳои шоирони пешқадами замонаш, ки ҳамин гуна равия доштанд, пурра ҳамоҳанг аст.

Муаззамхон ҳадафи тири ҷабру ҷафои замона гарди-

да хуни дил мерехт, ғаму андӯҳаш ҳадду андоза надошт. Дар охирҳои умраш пиру бемадор ва фалаҷ гардида Муаззамхон дар бистари марг саҳифаҳои вопасини дафтари ғаму ҳасраташро пур мекард:

Ман шудам дар ҳаҷри ӯ, эй дӯстон,
Бемадору бемадору бемадор.
Хуфтаам дар бистари фуркат мудом,
Дилфигору дилфигору дилфигор...
Гар бимирам дар биёбони фироқ
Интизору интизору интизор...
Хун чакад аз хокаму лола дамад,
Ҳар баҳору ҳар баҳору ҳар баҳор...
Хуфтаам дар байтул-эҳзони худам
Хору зору хору зору хору зор...
Баъди фавтам бо дуо ёдам кунед,
Дӯсту ёру дӯсту ёру дӯсту ёр...(6)

Муаззамхони Хуҷандӣ яке аз шоираҳои барҷастаи замони худ ба шумор мерафт. Гувоҳи он шеърҳои адиба, ки дар ҳар мисраъ ҳиссиёти нозук ва фикрҳои пурбаҳоро ҷой додааст. Аз онҳо садои тапиши дили ҳассоси ӯ шунида мешавад.

Муаззамхон эҷодиёти адибони тоҷик ва ӯзбекро бо диққат меомӯхт. Аз шоирони ӯзбек вай мухлиси Алишери Навоӣ ва Фузулӣ буд. Барои ҳамин ҳам мероси адабии ин ду шоирро бо шавқ мутолиа мекард. Бинобар ин дар ғазалҳои ӯ таъсири эҷодиёти ин устодони бузурги сухан дида мешавад.

Алишери Навоӣ дар яке аз девонҳояш ғазалеро, ки бо матлаи зерин сар мешавад:

Баҳор эл гулга мойил, бағрима юз хор ҳар соат,
Етиб ҳар хоридин кўнглумга юз озор ҳар соат. (7)

ҷой додааст. Шоира аз ин мисраъҳои адиби бузурги ӯзбек илҳом гирифта, ғазалеро бо ин радиф дар татаббуи Навоӣ ба қалам овард:

Фалакнинг жабридиндур кўнглума озор ҳар соат,
Жароҳатлик дилимга санчилур кўп хор ҳар соат.
Жамолинг орзусида қизил гул олдига борсам,
Тегар ҳар хоридин кўнглумга юз озор ҳар соат.
Фалак соқийси сунди жоми ғам, ичдим, йиқилдим ман,
Ғамингдан ҳар замон қайнаб чиқар зангор ҳар соат...(8)



Гарчи ғазали номбурдаи Алишери Навоӣ ишқист, Муаззамхони Хуҷандӣ дар мисраъҳои мазкур аз ҷабри фалак ва азобу кулфати он сухан меронад. Аз мутолиаи ин ғазал пайдост, ки шоира ба ғазали Алишери Навоӣ пассивона тақлид накарда, баробари омӯзиши санъати шоири маъруф бо роҳи эҷодии ба худ хоси худ рафтааст, ашъорашро ба талаби замони худ мувофиқ гардонидааст. Ин маҳорат ва фазилати шоираро ба назар гирифта, адабиётшиносон ӯро шоираи баландмаҳорат, Зебуннисои замони худ ном додаанд.

Гарчанде эҷодиёти Муаззамхон ба то ҳаддае омӯхта шуда бошад ҳам вале эҷодиёти ӯ ҳанӯз пурра ҷамъоварӣ нашудааст. Хешовандони шоира таъкид менамоянд, ки ӯ ду девон: девони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тартиб дода буд. Аммо девони тоҷикиаш ҳанӯз дастрас нашудааст. Ҳанӯз ҳам шеърҳои ба девон дохилшудаи шоира дар шаҳрҳои Ленинобод, Қӯқанд, Ҷиззах, Пискент дар дасти мухлисони адабиёт, дар китобхонаи шахсии хешовандон нигоҳ дошта мешавад.

**Намунаҳо аз ашъори Муаззамхон**

**I**

Ман шудам дар ҳаҷри ӯ, эй дӯстон,
Бемадору бемадору бемадор...

Хуфтаам дар бистари фуркат мудом,
Дилфигору дилфигору дилфигор.

Гар бимирам дар биёбони фироқ,
Интизору интизору интизор.

Хун чакад аз хокаму лола дамад,
Ҳар баҳору ҳар баҳору ҳар баҳор.

Мекунам аз дӯст гар оид хабар
Ҷон нисору ҷон нисору ҷон нисор.

Бо хаёли васли ӯ кардам тавоф
Ҳар мазору ҳар мазору ҳар мазор.

Хуфтаам дар байтул-эҳзони худам
Хору зору хору зору хору зор...

Марди маккор фитнадур, бебокликдур ишлари,
Тил надимини қилмагил онлар билан ёр, эй кўнгил.

Санки шохсан, кўз билан тил сўзига солма қулоқ,
Тил эрур исми валекин заҳрлик мор, эй кўнгил.

Акл айтур: «Ҳар фусу маслуҳга кўнма, таъма деб,
Мисли анқо қил қаноат, бўлма мурдор, эй кўнгил!»

Барча аъзодур раият, юрса исён йўлига,
Тан бериб бир яхши йўлдан қил хабардор, эй кўнгил.

Кулли аъзо шоҳисан, ўлтур адолат тахтига,
Бўлмагайсан бир куни шармандаи зор, эй кўнгил.

Қалби мўъминники байтулло демиш, қил эҳтиёт,
Бул Муаззам қалбидан ҳам бўл хабардор, эй кўнгил.

6

Дафтари иқболима ёзилди аз рўзи машоқ,
Ҳолатим хукм этти ҳижрон, битди муншии фироқ.

Қиз, ўғил фарзандларим ҳам боғ, ҳам гулзор эди,
Кетдилар дорулбақога барчаси бошпиёқ.

Ман қолибман дашти фуркат узра ёлғиз оҳ уриб,
Интизори мақдамингман, эй ажал, кел эртароқ.

Дилда ғам, жонда ситам, мажруҳ танда юз алам,
Бу тириклик лаззатидан менга ўлган яхшироқ.

Хомага айдимки, ҳижрон дафтаридан чек рақам,
Кўздан қон ёш оқиб, тутди вужудим қалтироқ.

Сан, Муаззам, ҳар кима ҳижрон ғамидан сўзлама,
Сўз узун бўлгач сўгун ҳеч кимса тутмайди қулоқ.

7

Бул фалак жабру жафони менга чандон айламиш,
Сўнгакимни кул қилиб, жисмимни яксон айламиш.

Интизорликда азиз умрим адо айлаб яна,
Бул мусофир юртида ёлғуз гўристон айламиш.

Ҳоли зоримни бориб гулзорга изҳор айласам,
Кўздин шабнам тўкиб, рухсорини қон айламиш.

Лолалар бағримдаги доғларни кўрса йиғлашур,
Бошидин ташлаб кулоҳ, чоки гирибон айламиш.



Боғ аро гар сабзалар олдида турсам бир нафас,
Сабзаларнинг баргини хори мағилон айламиш.

Лоладин ибрат олиб доғинг ниҳон тут, бўл хамуш,
Оезин очиб кўнглининг доғин намоён айламиш.

«Телба сўзлаб ҳар қаён юрмиш» деюб халқ сўзлашур,
Уэлат ичра ўлтирибман они бўҳтон айламиш.

Ғуссайи дил, киссайи мушкилга қолдим, демагил,
Иншооллоҳ мушкилингни гардун осон айламиш.

Эй Муаззам, шунчаким тутгинг ниҳон рози дилинг,
Дуди оҳинг шуъласи элга намоён айламиш.

8

Дўстларимни ёд қилсам, тандаги жон қилди рақс,
Маъшуқамни шавқи бирлан балки имон қилди рақс.

Дафтари ҳуснинг ўқуб, гулзор аро қилсам гузар,
Тўтию, кумрию, булбул, ҳам гулистон қилди рақс.

Ногаҳон боди сабо васфи қадинг шарҳ айласа,
Тоқат этмай, тебраниб, сарви хиромон қилди рақс.

Накҳати куйинг Хўтан дашти аро қилса гузар,
Нофасин ерга уриб, ваҳши ғизолон қилди рақс.

Нури дандонинг кўриб, гавҳар ўзни кам айлади,
Кўруб они баҳр аро лаълу маржон қилди рақс.

Оразинг шавқи билан жаннатда ҳурлар интизор,
Хоки наълингнинг таманносида ризвон қилди рақс.

Назм этибдурсан Муаззам бир неча (дафтар тўла),
Ўқурганда эшитиб, бир неча нодон қилди рақс.

9

Эй фалак, мунча жафони менга иньон айладинг,
Ҳам хирад уйини буздинг, ҳонавайрон айладинг.

Қавкаби иқболими адбора тадбил айлабон,
Толеимни наҳс этиб, эл ичра бадном айладинг.

Хуш баланд парвоз эди руҳим қуши, афсуским,
Фитна айлаб, золи дунё кўлига ром айладинг.

Тоқати тамкин таҳаммул уйини ғорат қилиб,
Телбалардек сўзлатиб, бесабру сомон айладинг.

Ҳар неча жаҳд айладим, кирсам саодат ровиға,
Йўл юрарда ҳар қадимда ҳирсни дом айладинг.

Барчаға жабр айласанг ҳам, гаҳ-гаҳи таскин бериб,
Бу ғариба бошиға кулфатини мудом айладинг.

Жумлаға жоми муродини бериб, ман телбаға—
Қисматим сингин сафоли бир қуруқ жом айладинг.

Ҳар жафо келса, Муаззам, (билки кимнинг айбидур),
Шиква айлаб бу фалак отини бадном айладинг.

10

Ғариблик юртида мен бесару сомон бўлиб қолдим,
Фалакнинг чархи каж уйрулди саргардон бўлиб қолдим.

Фалакнинг гардиши бирлан диёримдан жудо бўлдим,
Ҳамеша интизорликда кўзим гирён бўлиб қолдим.

Ҳама фарзандларим шаҳри адамдин манзил олдилар,
Қолиб ёлғиз бошим бу водида ҳайрон бўлиб қолдим.

Ҳама наврас, ҳама навхат, ажойиб олиму комил,
Аларнинг фурқатида куйдиму бирён бўлиб қолдим.

Таним ранжур, эрур бағрим ситам тиғиға юз пора,
Қазо амриға йўқ чора, нетай ҳайрон бўлиб қолдим.

Турарға тоқатим йўқтур, юрарға ҳам мажолим йўқ,
Бу ғурбатхонада чун беди мажнун эгилиб қолдим.

Муаззам, сўзларинг ғумномликнинг дафтаридиндур,
Ки ондин шаммае авроқ уза таҳрир этиб қолдим.

11

На тил бирлан баён айлай мен ул рози ниҳонимни,
Ғариблик ўти куйдирди тамоми устухонимни.

Боламнинг соясида ўлтурарман деб ватан туттим,
Ўлум жаллоди келдию тепиб бузди маконимни...

Чароғи рўзгорим айни равшанлигида ўчди,
Қолибман зулмат ичра ҳеч киши билмайдин ҳолимни.

Қаю мажлис аро ким шарҳи аҳволим баён қилсам,
Кўздан қон тўкар ҳар ким эшитса достонимни.

Муаззам, бир қаландарман, жаҳонда ҳеч нишоним йўқ,
Нишон деб саҳфаға чектим рақам назми равонимни.




بسم الله الرحمن الرحيم

Расми № 3. 268ум саҳифаи ҳамон дастнавис. Шеърҳои Муаззамхон аз ҳамин саҳифа оғоз меёбад.

## 12

Дўстлар, мен найлайин, розимни ифшо қилди хат,
Сирри пинҳонимни элга ошкоро қилди хат.

Мен қалам бирлан неча йил махфида сирдош эдим,
Охири, котиб эрур, деб халқка расво қилди хат.

Ақраболар ичра турфа соддаву луп-луч эдим,
Тишлабон бармоқин афсус, ўйла доно қилди хат.

Чорпо янглиғ эдим ҳарфу алифдан бехабар,
Дарси абжад ўқутуб, охирда мулло қилди хат.

Зулфиға зил келтуруб зулматга зам қилдим рақам,
Фаҳму дониш ўргатиб машқим хуш имло қилди хат.

Жон билан миннат тутарман хат билан қоғазгаким,
Ўз диёримга ҳама розимни ифшо қилди хат.

Бити деб қилди ишорат, ўку деб мушкин қалам,
Ўқугач кўз ёшими монанди дарё қилди хат.

Аҳли миннатларга доим илтижо қилмоқ надур,
Мушкилим осон этиб, мақсадин ижро қилди хат.

Сан Муаззам, ростларни хизматида бўл муқим,
Қимки кажрав бўлди охир дамда расво қилди хат.

## 13

Дўстлар доғи жудолик бенаво қилди мани,
Элу халқимдин йироқ айлаб гадо қилди мани.

Ўз диёримдин адашган бир ғариби зорман,
Интизорликда азиз умрим адо қилди мани.

Қимни кўрсам дафтари ҳижрон ўқудим олдида,
Уқмади сўзимнию, қайтиб пэо қилди мани.

Бул ғариблик бир сари, ҳам доғи фарзанд ўртади,
Рўзи беҳбуд кўрганим явмул жазо қилди мани.

Қимга бориб дод этай золим фалакнинг жавридан,
Охири юз минг балога мубтало қилди мани.

Ғурбату андуҳу меҳнат бошима айлаб ҳужум,
Най каби жисмимни янчиб бўрё қилди мани.

Эй Муаззам, бу фалакдан шиква бунёд айласам,
Доимо дасти ажалдин додхо қилди мани.



## 14

Хатинг айлар сени райҳон билан баҳс,
Даҳонинг ғунчайи хандон билан баҳс.

Жамолинг офтоби оламоро,
Нега қилсун маҳи тобон билан баҳс.

Сани кўюнг эрур фирдавсдин аъло,
Ки қилсун жаннату ризвон билан баҳс.

Фироқинг ўти куйдирди бу жоним,
Қилодур оташи сўзон билан баҳс.

Сани кўюнг итини итлари чун
Қилодур ҳур ила ғилмон билан баҳс.

Фироқинг шомини гар кўрса дўзах,
Қилолмаслар шаби ҳижрон билан баҳс.

Муаззамдур гадойи мустамандинг
Нечук қилсун гадо султон билан баҳс.

## 15

Дилрабо ногоҳ келибон сайри гулзор айламиш,
Мен ғарибни гул юзининг олдида хор айламиш.

Ҳар қаю гул хор ила улфат тутар гулзорда,
Турфа таҳсинким, мени бир кўргали зор айламиш.

Бу фалакнинг жабридин мен кимга бориб дод этай,
Доимо бағрим эзиб, дидамни хунбор айламиш.

Оташи шавқи висоли дўст жоним ўртади,
Сўнгакимни кул қилиб, бағримни афгор айламиш.

Лашкари ҳижрон келиб кўйглим аро жой айлади,
Турфа олий шаҳр экан деб, они бозор айламиш.

Хори ҳижрон, доғи ҳирмон бирла дўконини тузаб,
Нақди жонимни олиб ғамга харидор айламиш.

Ғунча янглиғ қон ютуб, туттим ниҳон рози дилим,
Ханжари ғам бағримни чок айлаб изҳор айламиш.

Ҳар қаю мавжуд агар куйса фироқинг ўтига,
Тоқат этмай ўзини расвойи бозор айламиш.

Эй Муаззам, шод келса ёр ҳолингни сўраб,
Ким сабо ҳоли харобим ёра изҳор айламиш.

## 16

Адўлардин кочиб узлат уйини тутмасам бўлмаз,
Ўзимни яхшиларнинг суҳбатига қоқмасам бўлмаз.

Бу нафси саркашинг доим ғалат йўлларга бошлайдур,
Қаноатдин югон солиб, жиловин тутмасам бўлмаз.

Кўнгул ганжинасига дели ҳафтсар маскан айлабдур,
Олиб тапба таёгини бошини янчмасам бўлмаз.

Миниб ҳиммат бароқини кириб майдони шаҳр ичра,
Синони ашҳаду бирлан кўзини янчмасам бўлмаз.

...Хуруж айлаб кўнгул тахтига келса ишқ султони,
Анга пешкаш бу жонимни ҳадия қилмасам бўлмаз.

Кўнгул боғини сайр этсам, топай деб гавҳари мақсуд,
Садаф мисли бу дарёдин дурлар термасам бўлмаз.

## 17

Кел, эй кўнглим, ўзунгга маслаҳат қил, мосиводан коч,
Сани йўлингни боғлар жаҳд этиб ҳирсу ҳаводин коч.

Замона эли бирлан ихтилот этма, забон ўртар,
Гаҳи яхши ямонин ҳақ билурсан бу ародан коч...

Санга шарбат берай деб заҳр ичургай у золи даҳр,
Ани заҳробасини ичма, золи пуржафодан коч...

Сабо тахтинг кўтарса, худхуд эрсанг, пилинг бўлса,
Буларга бўлма мағрур, худхуди боди сабодан коч.

Замона олими рўмал эдуб элни фириб айлар,
Наузанбилло андоқ илм ўқуган норасодан коч.

Хурўсу кўю эчки қонидин таъаиз этмишлар,
Шариат мункири ул олими бемуқтадодан коч.

Чекиб ашколу ҳисоб, сад баҳс айлаб вали ман деб,
Аларни суҳбатига борма, андоқ худнамодан коч.

На ҳожатдур Муаззам халқнинг сиррини фош этмак,
Кел эмди узлат олгил, суҳбати шоҳу гадодан коч.

## 18

Кўзим мардумлари кўнгил бериб дунёйи ғаддора,
Қилур дидам бу золи бевафо юзига наззора.





Расми № 4. Саҳифа аз «Маҷмӯаи се шоираи Хуҷанд». Шеърҳои Муаззамхон.

Карашма бирла ўзин кўрсатиб доим фириб айлар,
Сабо махшар кунида ит бўлиб бағриғ қилур пора.

Дедимку ман кулоғига бу дев макрига алданма,
Сўзимни қилмади бовар, илиндн дома нкбора...

Гунахим вазнидин заъфим фузун, холим забун бўлди,
Умед улким карам айлаб, табибим қилса наззора....

## 19

Сени шоми фироқингда кўзимга келмади уйқу,
Айниг учун оқар хуноб сариғ рухсор уза хар сў.

Мени ақлимни олди лашкари хижрон хужум айлаб,
Бийиникым мусулмон хайлини торож этар хинду.

Мени хижрон қиличи хар тарафдин тўкди қонимни,
Бўёлиб қона, чиқмай толшиниб ётган на жондир бу?

Келибдур бошим узра лашкари хижрон қилич тортиб,
Мени жондин халос этмаз, нечук соҳибқирондир бу.

Тахаммул пардаси бирлан бу дардимни нихон тутсам,
Қилур жоним қуши фарёд этиб хар лахза оллоху.

Табибн хозиқ излаб сўрадим дардим иложини,
Табиблар айди: «Сабрдин ўзга нафъи бўлмағай дору».

Тушиб номард домига гирифтори қафас бўлдим,
Қафасда ётадурман емишим ғам, ичмишим қайғу.

Ҳадисда Мустафо: «Ал сабру мифтоҳулфарах» дебдур,
Ҳама фатху зафарнинг эшикига сабр эмиш очқу.

Гули мақсад очилмай қолдию, ўтти бахори умр,
Зимистони ажал келди, сумуми ғам билан қаршу.

Ўзингга келгил эмди харза сўзлаб хар қаён юрма,
«Муаззам телба бўмиш», деб халойиқлар қилур кулгу.

## 20

Эй сабо, жоним халокин айла жононимга арз,
Холи зоримни дегил, албатта, султонимга арз.

Зарра янглиғ фурқатида нитизор бўлганларим,
Айлагил зинхор ул хуршеди тобонимга арз.

Мўри лангман бир малах пойини мавжуд этмаган,
Бебизоат қолганимни эт сулаймонимга арз.

Зулмати шоми фироқи ичра йўл топмаслигим,
Махрамим йўқ қилса ул шамъи шабистонимга арз.

Ҳажри даштида шахиди Карбало бўлганларим,
Айлаёл касман бориб дарёйи уммонимга арз.

Мен хазон янглиғ ётибман эстаниб хошок аро,
Эй сабо ,холимни айла ул гулистонимга арз.

...Маъсият дарди билан бемордурман, эй фалак,
Ҳар сабо ман айларам холимни луқмонимга арз.

Мурдадилдур бул Муаззам найласун, вовайлато,
Қош келса хизри тавфиқ оби хайвонимга арз.

## МУАТТАРХОН

Эҷодиёти шоира Муаттархон то алҳол пурра омӯхта нашуда буд (1). Дар хусуси тарҷумаи ҳолаш низ маълумотҳои кофӣ вуҷуд надоранд . Бино ба қавли хешовандонаш Муаттархон қариб 100 сол умр дидааст. Маълум, ки ӯ хоҳари хурдии шоира Муаззамхон буда, аз ӯ се-чор сол хурд буд.. Аз ин рӯ, тахмин кардан мумкин аст, ки ӯ тақрибан солҳои 1835—1840 дар шаҳри Хуҷанд ба дунъё омадааст. Мувофиқи баъзе маълумотҳо ӯ якчанд муддат дар Ҷиззах, пеши хоҳараш Муаззамхон, солҳои охири умраш дар шаҳрҳои Пискент ва Хуҷанд истиқомат кардааст.

Мероси шоира дар «Маҷмӯаи се шоираи Хуҷанд», ки ба қалами Муаттархон тааллуқ дорад дохил шудааст. Дар саҳифаи 311—344-уми дастнависи номбурда шеърҳои ин шоира оварда шудааст, ки ин қисми китоб: «Ин назми Муаттархон ани ранҷурию маҷрухи ситамкашида, ғарибу ғами бисьёр чашида аст» номида шудааст.

Шеърҳои Муаттархон мисли шеърҳои Қамбархони Хуҷандӣ ва Муаззамхон аз ҳамду наъти анъанавӣ иборатанд. Аммо шеърҳои ӯ дорои хусусиятҳои хос буда, ба ин васила аз шеърҳои модару хоҳараш фарқ дорад:
а) Шеърҳои ба ин маҷмӯа дохилшудаи Муаттархон шоид ба нимаи дуюми асри XIX, ба давраҳои нахустини эҷодиёти шоира мансуб бошад, зеро баъзе шеърҳо навмашқона мебошад. Дар чанде аз чакидаҳои қалами ӯ нуксонҳо дар вазн ва қофиябандӣ ба чашм мерасанд. Ин ноқисӣ дар ғазалҳое, ки бо радифи «Мушкил аст»,

«Омад», «Муборак», «Имшаб» эҷод шудаанд, ҷой дорад.

Аммо қайд бояд кард, ки шеърҳои шоира баъзе нуқсонҳо дошта бошад ҳам, онҳо аз мазмуни пухта ва моҳияти иҷтимоӣ холӣ нестанд.

б) Дар ғазалу мухаммасҳои Қамбархони Хуҷандӣ ва Муаззамхон махсусан оҳангҳои шикоят ва танқиди замон пурқувват мебошад, Муаттархони Хуҷандӣ ба ҷуз ин ҳолатҳо ба тасвири манзараҳои табиат, фаслҳои сол диққати махсус додааст.

в) Дар дастнависи дар боло зикршуда, яъне «Маҷмӯаи се шоираи Хуҷанд», шеърҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии Қамбархони Хуҷандӣ аз ҷиҳати ҳаҷм қариб ки баробаранд. Агар Муаззамхон бисёртар ба забони ӯзбекӣ эҷод карда бошад, пас Муаттархон асосан ба забони тоҷикӣ эҷод кардааст.

Аз рӯи дастнависи мавҷуда ҳам дар хусуси равияи эҷодӣ ва истеъдоди Муаттархон сухан рондан мумкин аст. Гап дар сари он аст, ки ҳамаи шеърҳои ба дасти мо даромада хом ва нуқсондор нестанд. Равшан ба назар мерасад, ки дар шеърҳои навмашқона ҳам Муаттархон ба услуби эҷодии Қамбархони Хуҷандӣ ва Муаззамхон пайравӣ кардааст.

Муаттархон дар баъзе шеърҳо ба офаридгор муроҷиаткунон аз ӯ шиква мекунад, норозигӣ ва фикрҳои озодонаашро як-як ба қалам меорад:

> Худовандо, ба маъюси диламро мубтало кардӣ,
> Ниҳоли қоматам аз бори меҳнат хам, дуто кардӣ,
> Илоҳо, нахли умрамро ба дардҳо ошно кардӣ,
> Дили оинам зангору рангам каҳрабо кардӣ...(2)

Шикоят аз замон, аз гаронии зиндагӣ дар шеърҳои Муаттархон низ ҷой доранд. Ҳатто шеърҳои лирикӣ-ошиқонааш низ аз ин оҳангҳо фориғ нестанд.

Шоира ба нолаи занҳое, ки гирифтори ҷафои замон гардида гули рухсораашон хазон, қомати мавзунашон камон гардида буданд ҳамсадо буд.

> Дар ин гулшан нишастам чун асирони Яман мӯҳтоҷ,
> Чу булбул нола дорам ашк резон дар ватан мӯҳтоҷ,
> Дар ин айёми ғампарвар чи ҳосил кардам андар бар,
> Садо аз корвон омад, вуҷуд андар кафан мӯҳтоҷ,
> Дар ин майдони бедармон начидам як гули хандон,
> Ба ҳолам сунбаҳо ҳайрону ман дар ин чаман мӯҳтоҷ...



Танқиди замон, ки яке аз равияҳои пешқадами эҷодиёти шоира аст, аз шогирди сазовори Қамбархон ва Муаззамхон будани ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Ана ба ин сатрҳои шоира гӯш андозед:

> З-инқилоби гардиши айём мегардам хароб,
> Дом дона менамояд, қайдҳои беҳисоб.
> Тангнои ғурбатамро кист гардад шодмон,
> Гоҳ огу гоҳ асал орад чу менӯшам шароб...(3)

Муаттархон «Дар шони сардии зимистон» ном шеъраш тасвири манзараҳои зимистон ва мусибатҳои гарони ба сари мардум омадаро тасвир намуда, ҳамдардии худро ба ҳоли мардуми бечора изҳор менамояд:

> Дилам аз сардии фасли зимистон зор менолад,
> Қафас дар хун, дили печида тӯтивор менолад.
> Булут дар гардишу дар нола мегардад зи кӯҳсораш,
> Фалак чун дида барфи аршро хунбор менолад...
> Зи махлуқоту ҳайвонот то одам фиғон карданд,
> Ҳама аз ваҳми барфу жолаи бисёр менолад...
> Фақирон сад, ду сад фарьёд бардоштанд аз хезум,
> На зар монду, на зӯру дурталаб бисёр менолад.
> Ятимон ранг зарду, оҳи сард аз дил ба ҷӯш оранд,
> Ба зери остонадилаш хунбор менолад...(4)

Муаттархон дар замони худ аз беҳуда гузаштани умри худ нолида, дар яке аз шеърҳояш хитоб мекунад:

> Сад кафи афсус, бар умри Муаттар дардманд,
> Бебодат, бефазоил, барқвор аз даст рафт...(5)

Шоира дар замони худ зиндагии басе душворро аз сар гузаронида бошад ҳам, ба авлодони худ мероси адабии хубе боқӣ гузоштааст. Агар нусхаи мукаммалтари ашъори Муаттархон ба даст ояд, дар хусуси эҷодиёти ӯ боз пурратар тасаввурот ҳосил менамоем.

### Намунаҳо аз ашъори Муаттархон

I

> Дар ин гулшан нишастам чун асирони Яман мӯҳтоҷ,
> Чу булбул нола дорам, ашк резон дар ватан мӯҳтоҷ.
>
> Дар ин айёми ғампарвар, чи ҳосил кардам андар бар,
> Садо аз корвон омад, вуҷуд андар кафан мӯҳтоҷ.

Дар ин майдони бедармон начидам як гули хандон,
Ба ҳолам сунбаҳо ҳайрону ман дар ин чаман мӯҳтоҷ.

Ба бозори ҷаҳон гаштам, ҳама ҳирсу ҳаво дидам
На зикре дар даҳон дорам, худ бо эҳсон мӯҳтоҷ.

Қанӣ, афзунии ҳолам, канӣ, беҳбудии рӯзам?
Муборак соз аъмолам, чу Яъқуб дар ватан мӯҳтоҷ.

Ҳам аз номаи умедворам, Муаттар, ниҳояти кисвам,
Муборак исми ӯ дар ҷуш бо тоҳо лақаб мӯҳтоҷ.

2

Худовандо, ба маъюсӣ диламро мубтало кардӣ,
Ниҳоли қоматам аз бори меҳнат ҳам, дуто кардӣ.

Илоҳо, нахли умрамро ба дардҳо ошно кардӣ,
Дили оинаам зангору рангам каҳрабо кардӣ.

Гули васли умедам бо висоли дӯст ҳамдам кун,
Ба чашм гуму дили маҷрӯҳи моро худ бино кардӣ.

Ки дасти орзу бо ҳар гуле бурдам, ки хор омад,
Насими субҳи анбарбӯйро боди фано кардӣ.

Ҳамон гулшан, ки аз такрори наъти булбулон бишкуфт,
Аҷаб аз суҳбати гул андалебонро ҷудо кардӣ.

Мани бечораи афтодаи дармондаи ҳиҷрон,
Аҷаб набвад ҳуҷуми лашкари ғам бори мо кардӣ.

Ба ёди маъсият шамъе, ки дар дил доштам бар буд,
Ҳама аркони дил ҳафтидаи зулматадо кардӣ.

Ба чандин ҳирсу молу мулк ба ҳоли худ низор кардам,
Тани озурдаамро равзани чашми ҳумо кардӣ.

Худовандо, аҷаб ҳоли забун дорам, ки ҳайронам,
Ҳамон деви раҷи маст ин, ки аз қаҳрат бино кардӣ.

Ба зиндони ҷаҳон ҳарфи нафс огуштам ғурбат,
Ҳамон Айюби Собирро ба меҳнат мубтало кардӣ.

Чу зикри закрийё кай метавонад фосиқон гуфтан,
Ҳамон нури якинро бо балоҳо ошно кардӣ.

Дареғ, ҳасрати Яъқубро бо ранҷи муҳаббатҳо,
Ҷафокаш ошиқони хешро ҳамчун фано кардӣ.

Гаҳе аз фахр месузӣ, гаҳе бо лутф мебоӣ,
Ҳамон Юсуфи барноро ба зиндон мубтало кардӣ...





Расми № 5. Саҳифаи 311-уми ҳамон дастнавис. Шеърҳои Муаттарҳоҷ аз ҳамин саҳифа оғоз меёбад.

3

Сухан аз ғунчаи маҳшуд, он номеҳрибон охир,
Диламро раҳна кард бо тамкинаш он дилситон охир.

Намедонам бад ин аҳвол чӣ хоҳад гашт фардой,
Ба тумори забонҳо метавон гардидагон охир.

...Адолат аз камини ӯ чӣ шуд, ё раб, ки дур афтод,
Тараҳҳум нест бар аҳволи ин дилхастагон охир.

Зи шамъи оразаш дур аст чашми хунфишони ман,
Ба микрози фирокаш бугсилат, пайванди ҷон охир.

Ба сад тартиби орониш ба ҷазмат ҷон фидо кардам,
Нагуфт он бевафо як ҳарф аз ҷуну ҷупон охир.

Бадоянд хамнишинон, кавкаби толеъ хирад афтад,
Аҷаб мушкил бувад ҷоно, ки кардам достон охир.

Ба бозори тағофул бугсилат сӯзад маҳбубе,
Мисоли нолаи булбул фитодам дар фиғон охир.

Ба мижгони сиёсат аз назар индохтӣ моро,
Манам дар гӯшаи маъюсӣ кардам достон охир.

Биё эй дил, ба сӯи дӯсти мағрур ибодат шав,
Ба сад доғи ниҳони ту бикун дилро нишон охир.

Муаттар, то тавонӣ посбони каъбаи дил шав,
Зи дунё орзу ҳосил нашуд моро расон охир.

4

Дилам аз сардии фасли зимистон зор менолад,
Нафас дар хуи дили печидаи тӯтивор менолад.

Булут дар гардишу дар нола мегардад зи кӯхсораш,
Фалак чун дида барфи ашкро хунбор менолад.

Паямбар гуфт: «Ло хулли на локут зи хок хоҳед»,
Забони хунфишону дилам хунбор менолад.

Ба фармони илоҳӣ барфи нав бо мо нузул ояд,
Шавад ях тахта-тахта, ҷумлаи ҷӯйбор менолад.

Зи махлукоту ҳайвонот то одам фиғон карданд,
Ҳама аз ваҳми барфу ҷолаи бисьёр менолад.

Агар сад орзуи дил таоме гар падид ояд,
Ҳама дудпечу талху нафси балкирдор менолад.



Таоми бо назокат лабу дандон ба ҳам печ кард,
Мижа дар абрувон чун ханҷари хунхор менолад.

На ангишт монду на ҳезум, на туту себу зардолу,
Ғизоти хушку тар омад, ки майдон зор менолад.

Тавонгар метавонад пухт ҳафт турлук таом аз нор,
Қанизак дар тараккас, лек дег аз нор менолад.

Фақирон сад, ду сад фарьёд бар бастанд аз ҳезум,
На зар монду на зӯру дурталаб бисьёр менолад.

Ятимон ранги зарду оҳи сард аз дил ба ҷӯш оранд,
Ба зери остона дидаи хунбор менолад.

Аҷаб ин шаҳсуворон дар ҷаро сайёд мегарданд,
Ҷигар бо дил ба ҳам ях карду рӯда зор менолад.

Кабоби ҷомсӯз аз мурғу оху дар ғазот омад,
Зи хунрезӣ чӣ ҳосил шуд, аҷаб шаҳбоз менолад.

Ҳама бо нафси саг овора дар саҳрову дар ёвон,
Намедонад аҷал бо ҷони ӯ сад бор менолад.

Малак ояд бо амри бурдани ҷонат, ки дармонӣ,
Чу сайди дар аҷал афти, ки дилбар зор менолад.

Даҳан аз хазрагӯй мухтасар кардам, ки эй диллдор,
Ки шояд ин забон бо зикри халқам зор менолад.

5

Рафт умри бодапои мани бедуо абас,
Сад оху нола аз дили ин бесафо абас.

Набзам гиреҳ-гиреҳ шуд аз ин дарди бедаво,
Як катра хун падид нашуд пур садо абас.

Ин устухон бо оташи таб шуд гудохта,
Хокистарам ғубор кашад бар само абас...

Ҳафт сола аст дардаму дармон падид нест,
Карданд муолиҷа ҳар чанд ба дардам даво абас.

Дӯстони ҷонсипор чу парвона гирди ман,
Гуфтанд мухолиф аст мизоҷаш, дуо абас.

Кардам азиму кушиш ман, ки муддате,
Як зарра нест баҳраи кардем киио абас.

Наққоши санъи нақши чашм ба бад кашид,
Кайфияташ маҳол, ки ранҷи зуфо абас.

## 6

Биё соқӣ, қадаҳ баргир, то фасли баҳор омад,
Бути симин бари гул пираҳан андар савор омад.

Аз он рӯзе, ки муштоқ аст ҷонам дар хурӯши ӯ,
Ки шояд чашми зоғаш ба сӯи дилфигор омад...

Чи бошад қатра аз айнантусаммо шаҳд биҷӯшонӣ,
Мунаввар гардад ин соат, дилам дон, ки ба кор омад.

Ҳама ушшоқи шайдо бошад аз як торани мӯит,
Ҷаҳоне сад чаман гардиду он гулҳо зи хор омад.

Гули садбарг аз рухсори ӯ нашъу намо гирад,
Ҳамон дам булбул аз ҷоки қафас шаҳру диёр омад.

Садои андалебон мекунам аз баҳри ранҷурӣ,
Ки шояд дар қатам дар инъифо дар нахли бор омад.

Муаттар сар фурӯ шав, мақсади дунъё нашуд ҳосил,
Ки шояд нома аз дасти муҷиби росткор омад.

З-инқилоби гардиши айём мегардам хароб,
Дом дона менамояд, кайдҳои беҳисоб.

Тангиои ғурбатамро кист гардад шодмон,
Гоҳ оғу гоҳ асал орад чу менӯшам шароб.

Золи дунъё дар бағал дорад ҳазорон наштаре,
Оқилон кай шевап ӯро ҳамегӯяд ҷавоб.

Субҳи айшам гул накарду шоми ғурбат даррасид,
Беҳи равза умрам охир гашт, қаддам шуд ду тоб.

Гар фитад ларза ба аъзоям зи тан ҷонам ҷудо,
Оқибат маҷрух гардад ҷони ширин аз шабоб.

Ту имон кай андар он дам аз фиреби он лаин,
Шуд ҷигарҳо пора-пора, акл лолу дил кабоб.

Тахтаи тобут меоранд он руҳониён,
Гар бипурсад хайр аз шаррам чи гӯям ман ҷавоб.

Гар баранд бо гӯри тангу торикам, вовайлато,
Ин забонам лол гардад, чашм бар сақфам пуроб...

Гарчи аз бад бадтарам, ё раб ба ҳаққи мустафо,
Лойиқи чашми шафоат кун, Муаттар, дил хароб.



## 8

Ин аҷаб дардест, мебинам, ки кор аз даст рафт,
Ғам зи ҳад бигзашт, дардамро мадор аз даст рафт.

Бахти иқболи забун гардидаро тадбир чист?
Мамлакат бигрифт лаину пуду тор аз даст рафт...

Ҳафтаи ҳар рӯзи одина чапанҳо дар гулу,
Фиску исьён дар миёну касбу кор аз даст рафт.

Оқилон сатранҷ бозу нокасон аҳли сухан,
Нуктасанҷони адолат номдор аз даст рафт.

...Аз либоси фақр тангӣ дошту шуд қайсарнамо,
Қаҷкулоҳон зери хоку косадор аз даст рафт...

Зинатафзоён чаро савдои ботил мекунанд?
Нақдина киса тахию дилфигор аз даст рафт...

Гарм бозор аст маҳшаргоҳи дунъё бесабот,
Як гуле ночида фасли навбаҳор аз даст рафт.

Сад кафи афсӯс бар умри Муаттар дардманд,
Бейбодат, бефазоил, барквор аз даст рафт.

## 9

Он раҳиме, ки ҳамеша раҳматаш пуркори субҳ,
Он ҳакиме, ки ҳаловат мефазояд кори субҳ.

Онки фаттоҳ аст мифтоҳ дар қалими ёд аст,
Мерасонад хатти раҳмат бин кӣ аз ҷӯбори субҳ.

Шарбати ҷоми муҳаббат дар дили шабҳои тор,
Кист нӯшад то нагӯяд зикр дар такрори субҳ.

Раҳбари роҳи ҳақиқат кист, пири маънавӣ,
Мешавад андар рукуъаш бо таҳаҷҷадбори субҳ.

Қалбу шамсу сарчу моҳтоб аст дар майдони ишқ,
Сирру ихфо қуббаи нураст дар бозори субҳ.

Моҳи ман дар чордаҳ, биншаст моҳи нав арӯс,
Гесувони анбаринаш сабҳаи тотори субҳ.

Лашкари ислом бо тасбеҳи таровеҳ дар хуруш,
Алвидо, эй ҳамнишинон, зуд рафт осори субҳ.

Лайлатулқадраш нузул овард дар ҳар анҷуман,
Гӯри дил кай баҳра бурдӣ оҳ дар ин кори субҳ.

Чу магас дасте ба сар дорам зи исьён, эй табиб,
На сурури сийна дорам, на зимоми кори субх.

Чун губоре кай фитам бар даргахи сохибдилон,
Эй кади хамгаштаи ғамдидаи бемори субх,

Чун месози Муаттар ачи худ бар когазе,
Қисмати рўзи азал шуд тахтабанди кори субх.

## 10

Кел, эй оқил, агар аслинга боқсанг бехабар бўлма,
Кел, эй ғофил, агар васлинга боқсанг бесамар бўлма.

Агар мақсадли қулсан, бўлмағил бир заррае ғофил,
Жахон лаззатига шоғил бўлиб кўп бимсар бўлма.

Жахон гулзорига бўйи мухаббатдин хабардор ўл,
Баҳор айёмида бир гўша олғил, дарбадар бўлма.

Ки шояд гулшани васлиға восил бўлсанг, эй одам,
Қайи боқиб назора қилма, бе тожу камар бўлма.

Ҳамеша дурри дарёйи ҳақиқатдин асар топқил,
Муҳаббат жомидин май ич, алардек бебасар бўлма.

Кўнгил боғина сайр эт, тақозои нафас ҳар дам,
Шаётин макрига мағрур ўлуб, бе пою сар бўлма.

У боғ ичра ажаб неъматлар эрди баҳри таскини,
Қаноат пеша тутғил сен дахи хуни жигар бўлма.

Тинаъум гўшасин тут, моумандин иштироз айла,
Такаббур риштасин узгил, гирифтори сақар бўлма.

Шароби антахурдин тотқулик гар орзу қилсанг,
Ширин сўзла, кўнгил овла, даме бе чашми тар бўлма.

Шажарга гар таёқдек қилур тазим ҳар соат,
Яна эҳсон этар ҳар неъматин бе барги тар бўлма.

Тавозеъ пеша қил, ҳар ким санго дурри хушоб айлаб,
Муаттар, кеча ўтмай куйла халқинг, бе асар бўлма.

## 11

Шукриллоҳ, етқуруб боди сабо пайғомингиз,
Лола япроғига битган бу хазин гуфторингиз.

Қон бағирлиқ, заъфарон юз бирла элга ун солиб,
Охи сард ила кўнгил парголасин ёғонингиз.





Расми № 6. Саҳифаи 338-уми ҳамон дастнавис. Шеъри Муаттархон «Дар шони сардии зимистон».

Гах-тахе эл кошидан узлат олиб ҳижрон туни,
Даҳр оғусича ҳажр оётин ўкугонингиз.

Субҳи содиқ уйғаниб, қуюб мусаллю узра бош,
Беш латифа рангини хў бирла пок этгонингиз.

Шарбати ҳижрон бутуб, тун уйқуда зор йиғлаб,
Гаҳ насиҳат бирла ўз ўтига сув ургонингиз.

Ҳажр оғусин насиб этти карими лоязал,
Марҳаме ҷарро фараҳ ўзга йўқ дармонингиз.

Нуктадонлиғ бирла пайкон отингиз маҳжурга,
Тўлганиб симобдек қон йиғлади беморингиз.

Бу қуруқ жисмимга санчилган фироқнинг наштари,
Лаҳза-лаҳза интизор ўлган бу саргардонингиз.

Хуш саодат кун эдиким мужда берди қосидим,
Кўзима пироҳани Юсуф тани алқозингиз.

Шарбати жоми висолинг излаюб ҳар шому субҳ,
Еш болалардек туруб кичкурди бу қаллошингиз.

Ўтга тушган мўйдек ҳул бўлди дўсти ҳажрида,
Эзилиб охти Муаттар ўкубон ашъорингиз.

## БИФАЗИЛАТИ ХУҶАНДӢ

Бо баробари тадқиқи меросии адабии халқамон боз номи чанде аз шоираҳо ба мо маълум гардид. Яке аз онҳо Бифазилати Хуҷандӣ аст. Номи ин шоира, асарҳои ӯ то ҳол ба адабиётшиносон маълум набуд (1).

Рӯзе духтури шифохонаи республикавии физиотерапевтии шаҳри Ленинобод, дӯстамон Музаффарҷон Аминов дар хусуси дар дасти модаркалонаш мавҷуд будани дастнависҳое, ки ба хешовандонашон — шоираҳо, ки модар ва фарзанд мебошанд, тааллуқ дошт, арз намуд ва бино ба хоҳиши мо онро лутфан ба камина шинос намуд.

Дастнависҳо аз чор нусха иборат буда, яке ба қалами Хайриниссо мансуб аст. Се дастнависи дигар аз тарафи духтари ӯ Бифазилат Отун тартиб дода шуда буд.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо Хайриниссо Отун тахминан солҳои 1827 таваллуд шуда, 38—40 сол умр дидааст. Шоира ҳаёти вазнин ва машаққатнокро аз сар гузаронида, соли 1867 дар зодгоҳаш шаҳри Хуҷанд вафот кардааст. Бифазилат Отун соли 1862 дар шаҳри Хуҷанд ба дунё омадааст. Вақте ки ӯ ҳамагӣ панҷ сол дошт, модараш Хайриниссо фавтид. Азбаски падараш Қорӣ Абдулло ҳам барвақт вафот карда буд, фарзанди яккаю ягонаи оила Бифазилат бармаҳал дучори ҳаёти пуразоб гардид.



Бифазилат шеърнависиро хеле бармаҳал сар кард. Ӯ баробари эҷоди мисраъҳои дилкаш, дар кашидадӯзии рӯйҷову сӯзаниҳо маҳорати хосае дошт, бинобар ин дар байни халқ бо унвони «Биотуни қаламкаш» машҳур буд. Шоира то охири умр дар шаҳри Хуҷанд истиқомат кардааст.

Бифазилати Хуҷандӣ шеърҳояшро ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод кардааст. Яке аз дастнависҳое, ки ба қалами Бифазилат мансуб аст «Марсияи Бифазилат» ном дорад. Ин дастнавис дорои 18 саҳифа буда, 10 саҳифаи он шеърҳои худи ҳамин шоираро дар бар мегирад, дар саҳифаҳои соӣ шеърҳои Раҳимбобои Машраб оварда шудаанд. Дар натиҷаи даридан, паридани ранги ҳарфҳо хондани баъзе варақҳои дастнавис хеле мушкил аст, баъзе ҷойҳо тамоман номумкин аст.

Шеърҳои марсияи Бифазилати Хуҷандӣ сохти аҷибе доранд. Онҳо бо ду забон навишта шуда, бо сатрҳои ӯзбекӣ оғоз мешаванд, қисми асосиашонро мисраъҳои тоҷикӣ ташкил медиҳанд, бандҳои зерини охирин ӯзбекианд:

На булбулманки, бир гул шохчасидин ошиёним йўқ,
Магар меҳнат чекиб роҳат кўрурман деб гумоним йўқ,
Мусофирлик диёрида маконим йўқ, нишоним йўқ,
Ғам ўти тушмаган, куйдирмаган бир устухоним йўқ,
Жафо кўрган, алам тортган, ҳаловат қилмаган жоним.(2)

Шеърҳои Бифазилати Хуҷандӣ аз оҳанги норозигӣ во шикоят аз замон лабрезанд. Дар мисраъҳои боло овардашуда ӯ аз ғарибиву нодорониаш нолакунон, дар хусуси заррае рӯи ҳаловатро надиданаш шиква карда бошад, дар сатрҳои зерин ҳам ин ҳолу аҳволашро ба қалам медиҳад:

Худовандо, чи бад кардам, асири дарду ғам гаштам,
Чи бад кардам, кафили ин ҳама ҷабру ситам гаштам,
Ҳама умрам ба дарду ғуссаю ранҷу алам гаштам,
Зи дасти бекасӣ аз зарраи хошок кам гаштам,
Шудам ҳар чиз ман аз қисми сӯрохи қалам гаштам.

Ду харфе, эй рафиқон, аз дили ғамноки худ гӯям,
Зи дасти бекасӣ, аз дидаи намноки худ гӯям,
Дили ман танг шуд, аз интизори ҳоли худ гӯям,
Шумо маъзур доред, эй рафиқон, рози худ гӯям,
Аз ин ранҷӣ дарони худ ман акнун пурсухан гаштам.

Ду-се сол аст, ки гашта рӯи сурхи ман ранҷур,
Аз ин ҳолат мусулмонон, ғаме дорам зи ҳад пурзӯр,
Зи сели оби чашмам гашта акнун дидаам бенур,
Надорам ҳеч ғамхоре, ки созад ғусса аз ман дур,
Ба дарди интизориҳо аз ин олам адам гаштам.(3)

Бо мутолиаи мисраъҳои аламангез кас шоҳиди дарду андӯҳи бемисли шоира мегардад, ки аз каҷравиҳои чархи гардун ба дод омада буд. Шоира фақат соҳиби як духтар гардид(4). Солҳои бисьёр доғи бефарзандӣ ӯро азоб дод. Чанде аз шеърҳояш бо ҳамин кайфият эҷод гардидаанд.

Бифазилат дарду аламҳои худро бо шеъру суруд ифода мекард, аммо ранҷу алами ӯ ба дафтарҳо намеғунҷид. Ҳамаи мушкилиҳои ба сари ӯ омадаро барои ифода кардан ҳатто қалам ҳам «беҳол» мегардид. Барои ҳамин ҳам Бифазилат сатрҳои зеринро ба марҷони назм кашида буд:

Агар ман арзи ҳол гӯям забонам лол мегардад,
Зи аҳволам баён созам қалам беҳол мегардад,
Зи афғонам ҳама халқон парешонҳол мегардад,
Зи сират ин тани афсурдаам помол мегардад,
Зи айёми ҷавонӣ ҳамчу булбул бенаво гаштам.

Ғарибам, бенавоям, хонавайронам, парешонам,
Қаландар, бесамар гаштам, зи хайли сипарешонам,
Ки рӯ гардонид аз ман ақрабою ҷумла хешонам,
Аз ин беталеӣ то кай сиришк аз дида афшонам?
Зи айёми ҷавонӣ ҳамчу беди бесамар гаштам...(5)

Дастнависи дуюми Бифазилат аз 100 саҳифа зиёдтар буда, асосан дар шакли баёз аст. Дар он дар қатори шеърҳои худи ин шоира, асарҳои Қорӣ, Ибни Ямин, Мунирӣ, Нозук, Ғиёсиддин ва ғайраҳо ҷой доранд. Шоира дар ин манбаъ ҳам шеърҳои ба ду забон эҷод кардаи худро дохил кардааст, дар қатори дигар шаклҳои шеъри чорбайтиҳояш ҳам мавқеъ дорад:

Рафтам ба дари хонаи он лабшакарак,
Аз хона бурун омаду гуфто: «Не керак?»



Гуфтам: «Санамо, аз лабакат бӯса керак!»
Гуфто: «Бидиҳам, тамаъ макун аз дигарак»(6)

Ин дубайтиро ба қалами Фахрии Рӯмонӣ мансуб медонистанд, вале маълум гардид, ки онро Бифазилати Хуҷандӣ офаридааст. Дар ҳошияи баёзҳои афтографи Фахрии Рӯмонӣ бо қалами худ ин байтҳоро рӯнавис намудааст ва азбаски муаллифро қайд накардааст, ноширон онро асари Фахрӣ ҳисоб кардаанд.

Дар ин баёзи Бифазилат рубоиҳои хеле бисьёр ҷойгир шудааст:

Дидам саначе кӯза ба даст меояд,
Аз дидани ӯ ба дил ҳавас меояд,
Гуфтам: «Санамо, бидеҳ маро як бӯса?»
Хандида ба ғамза гуфт, ки: «Қас меояд!»

Дидам санаме нишаста бар сари роҳ,
Бо зулфи сиёҳ мекунад гашта нигоҳ,
Гуфтам: «Санамо, илоҳи ту мева шавӣ»,
Хандиду ба ғамза гуфт: «Омин, оллоҳ!»

Дидам санаме бо падар меояд,
Аз тарси падар тарзи дигар меояд,
Қоши он санами сарв қаду симинандом
Монанди Масеҳо бе падар меояд.

Сановбар қомату ширин забоним,
Сани ишқингда куйди жисму жоним,
Чиқардим кӯкка ман оҳу фиғоним,
Тараҳҳум айлагин, эй ёри жоним.(7)

Дубайтиҳои шоира хеле гуногунранг буда, барои тадқиқи доираи мавзӯъ ва афкораш бағоят ёрӣ мерасонад. Аксари онҳо характери танқидӣ дошта, дар он одатҳои манфури шахсони ҷудогона маҳкум карда шудааст. Аз ин ҷиҳат дубайтаи ӯзбекии зерини шоира характернок аст:

Ўзини шайх олур кулбори ҳоли,
Йигирма бешга етмай моҳу соли,
Насиҳатлар қулур пиру жавони,
Ўзи фарқ этмайин яхши-ямони(8).

Шоира якчанд барфиҳо эҷод кардааст. Барфии зерини ӯ ба шакли мувашшаҳ навишта шудааст. Мо дубайтаи зеринро хонда ҳарфҳои аввали ҳар як сатрро ҷудо карда гирем, дар алифбои арабӣ «Б А Р Ф Й» мебарояд:

Ба чашмони хуморолудаат, э мох, гирифторам,
Рухат бинмо, киёмат кун, ачоиб номае дорам.
Фидоят мекунам чонро, сарат гардам, намедонӣ,
Ягон харфе зи хар мисраъ ба хидмат муддао дорам(9).

Дар байни мероси адабии шоира Бифазилати Хучандӣ, ки ба мо дастрас аст, ба чуз аз баёзхо мактубхои насрию назмӣ мавкеъ доранд. Яке аз мактубхои насрии ӯ чуниианд:

«Дуои салом аз чониби дӯсти камсухан ба чонибы он дилбари нозукбадан, ба чониби махбуби ширинсухан, офтобталъату муштарисоат, зебокаду охучашм, лоларӯю сунбулмӯй, кабки хучастаи фарчомӣ, мавлӯъи хуббн миёнӣ, хамчун сарви хиромон, лаби хуккаю дандони марчон, яъни банолаи мархамат надида, халкаи бандагии шуморо дар гӯш карда хастам...»(10). Мактуб бо хамин сатрхо сар мешавад. Мактубхои насрӣ ва шеърии Бифазилат ба забони ӯзбекӣ низ навишта шудааст.

Дар лирикаи Бифазилати Хучандӣ мавзӯи «Дарди ёру дарди ишк» низ мавкеи калонро ишгол менамояд. Шоира дар газалу мухаммасхояш ишки поки инсониро ситоиш менамояд, дар хусуси дарду азоби ошик дар рохи ишк, дар хусуси доги хичрон чунин мисраъхо эчод кардааст:

Кӯрсатиб гулдек юзинг, жонимга солдинг шӯру шар,
Лутф этиб бир келмадинг, эй нозанини симбар,
Толиби васлинг эрурман доимо, эй гулиисар,
Пуктурур дахр ичра сендек хушсухан, нозуккамар,
Кӯргали хуснунга кӯпдур интизор, ӯгloнга(11).

Эчодиёти Бифазилати Хучандӣ асосан ба давраи пеш аз инкилобӣ рост меояд. Хангоми галабаи Революцияи Кабири Октябрь шоира дар синни миёнахои 55—60-солагӣ буда аз дарду азоби зиндагӣ бедармон гардида буд. Ӯ ба шеърхояш тахаллуси алохида наниходааст. Гохо ба мактаи газалхояш номи худро хам ворид нагардондааст. Бо вучуди хамин чакидахои эчодиёти ӯ ки ба мо дастрасанд, аз истеъдоди баланди шоира гувохӣ медиханд. Шоира хамсафу хамфикри Камбархони Хучандӣ, Муаззамхону Муаттархон буд.



## ХОТИМА

Шоирахои тоинкилобии Хучанд дар газалхои худ аламу изтиробхои хешро ифода кардаанд. Азбаски дар он даврай мудхиш занону духтарон тамоман бехукук буданд, аз ин холати ногувор нолаву фарьёд мекарданд.

Факат галабаи инкилоби Октябри Кабир ба халкхо озодӣ ва бахт хадья намуд, орзухои чандинасраи инсониятро амалӣ гардонид. Дар даврай солхои Хокимияти Советӣ аз ин шахр бисьёр шоирону нависандагони барчаста ба арсаи эчод кадам ниходанд. Аз он чумла шоирахои бисьёре мисли Розия Озод, Мавчуда Хакимова, Озод Аминзода, Норӣ Алимухаммедова ва дигарон бо шеъру сурудхои худ замони советиро, партияи коммунистиро васф кардаанд.

Шоираи даврони советӣ Розия Озод дар яке аз шеърхои худ даврони советиро тараннум карда, чунин мегӯяд:

Чу даврони советӣ омад, озодӣ ба ман омад,
Хаёти хуби хушбахтонаю шодӣ ба ман омад.
Замони навчавонию навободӣ ба ман омад,
Саводомӯзиам аз бахри устодӣ ба ман омад.

Шоираи ширинкалом Озод Аминзода дар бораи шахри азизамон, ки ба карибӣ 2500—солагии онро чашн мегирем чунин сатрхои пурхароратро офаридааст:

Эй шахри базеб Ленинобод,
Гардида зи файзи Ленин обод.
Гул кардӣ саросар, эй диёрам
Шаъну шарафам, хам ифтихорам.

# ҲОШИЯ

## Булбулони Хуҷанд

1. **Тоҷӣ Усмон.** Бисту се адиба. Нашрдавтоҷик, 1957.
2. Ҳозир ин дастнавис дар дасти адиби маъруфи тоҷик Раҳим Ҷалил аст Муаллифи ин сатрҳо бо устод Раҳим Ҷалил, ки имконияти бо ин дастнавис шинос шуданро ба мо додааст, миннатдории самимӣ баён менамоянд.
3. Суҳбатҳои адабӣ дар бораи пешво. Газ. «Ҳақиқати Ленинобод», 1970, 28 январь.
4. **А. Юсуфӣ.** Боз се шоираи Хуҷанд. Газ. Тоҷикистони Советӣ», 1970, 25 октябрь.

### Мӯнисаи Маҳастӣ.

1. Тоҷӣ **Усмон.** Бисту се адиба, Нашрдавтоҷик, 1957.
2. **Тоҷӣ Усмон.** Шоира Маҳастӣ. Нашрдавтоҷик, 1963. Бояд эътироф кард, ки мо дар вақти навиштани ин боби рисола аз асари Тоҷи Усмон истифода бурдем, бо ин муносибат хотираи дурахшони муаллифро бо эҳтиром ёдоварӣ мекунем.
3. **Тоҷӣ Усмон,** ҳамон асар, саҳ 59.
4. **Тоҷӣ Усмон,** ҳамон асар, саҳ. 64.
5. **Тоҷӣ Усмон,** ҳамон асар, саҳ. 78.
6. Тоҷӣ Усмон, ҳамон асар, саҳ. 7-8.
7. Тоҷӣ Усмон, ҳамон асар, саҳ. 11.

### Қамбархони Хуҷандӣ

1. Шодиев Э. Хужандлик уч шоира, Газ. «Совет Тожикистони», 1970, 13 ва 15 ноябрь.
   Шодиев Э. Двуязычные поэтессы Ходжента. «Традиция двуязычия в творчестве Ходжентских поэтов XIX века», АДД, Ташкент, 1973.
   Шодиев Э. Камбархон Хужандий. Журнал «Ўзбек тили ва адабиёти» 1972 № 3.
2. Маҷмӯаи се шоираи Хуҷанд, дастнавис, нусхаи шахсӣ, саҳ. 241.
3. Ҳамон дастнавис, саҳ. 243.
4. Ҳамон дастнавис, саҳ. 256.
5. Ҳамон дастнавис, саҳ. 265—266.
6. Ҳамон дастнавис, саҳ. 261—262.
7. Ҳамон дастнавис, саҳ 234.
8. Ҳамон дастнавис, саҳ 227.
9. Ҳамон дастнавис, саҳ. 259.



### Муаззамхон

1. М. Қодирова. Муаззамхон. Журн. «Ўзбекистон хотин-қизлари», 1958, № 4.
2. Т. Жалолов. Ўзбек шоиралари, Тошкент, 1959.
3. И. Сувонкулов. Поэтическое наследие Джизакских поэтов конца XIX и начало XX веков, АКД, Самарканд, 1970.
4. Шодиев Э. Хужандлик уч шоира. Газ. «Совет Тожикистони», соли 1970, 13 ва 15 ноябрь.
   Шодиев Э. Двуязычные поэтессы Хожде́нта. «Традиция двуязычия в творчестве Ходжентских поэтов XIX века» АДД, Ташкент, 1973.
   Шодиев Э. Зуллисонайн шоиралар. Дар китоби «Ўзбек адабиёти масалалари», нашриёти «ФАН». Тошкент, 1976.
5. Ҳамон дастнавис, варақи алоҳида.
6. Ҳамон дастнавис, саҳ. 289—291.
7. Алишер Навоӣ. Куллиёт, ҷилди III, саҳ 49
8. Ҳамон дастнависи се шоираи Хуҷанд, варақи алоҳида.

### Муаттархон

1. Шодиев Э. Хужандлик уч шоира. Газ. «Совет Тожикистони», 1970, 13 ва 15 ноябрь.
   Шодиев Э. Двуязычные поэтессы Ходжента. «Традиция двуязычия в творчестве Ходжентских поэтов XIX века», АДД, Ташкент, 1973.
   Шодиев Э. Зуллисонайн шоиралар. Дар китоби «Ўзбек адабиёти тарихи масалалари», нашриёти «ФАН», Тошкент, 1976.
2. Ҳамон дастнависи се шоираи Хуҷанд, саҳ, 342.
3. Ҳамон дастнавис, саҳ, 331—332.
4. Ҳамон дастнавис, саҳ, 319.
5. Ҳамон дастнавис, саҳ. 325.

### Бифазилати Хуҷандӣ

1. Шодиев Э. Бифазилат Хужандий. «Совет Тожикистони», 1974, 28 апрель.
   Шодиев Э. Шоира Бибифазилат. «Ўзбек тили ва адабиёти», 1979, № 1
2. Марсияи Бифазилат, дастнавис, саҳ 10.
3. Ҳамон дастнавис, саҳ. 1—2.
4. Духтари шоира Азизахон ки аз 80 сол зиёда умр дида соли 1980 дар шаҳри Ленинобод вафот кардааст.
5. Ҳамон дастнавис, саҳ. 6—7.
6. Баёзи Бифазилат, дастнавис, саҳ. 8.
7. Ҳамон баёз, саҳ. 8 ва 58.
8. Ҳамон дастнавис, саҳ. 59.
9. Ҳамон дастнавис, саҳ 58.
10. Ҳамон дастнавис, саҳ 57.
11. Ҳамон дастнавис, саҳ. 13—14.

МУНДАРИЧА

Булбулони Хуҷанд. 3
Мўнисаи Махастӣ. 6
Қамбархони Хуҷандӣ. 13
Муаззамхон 28
Муаттархон. 43
Бифазилати Хуҷандӣ. 54
Хотима. 59
Ҳошия. 60



ШОДИЕВ Э.

# Дореволюционные поэтессы Ходжента

(На таджикском языке.)

Муҳаррир Ю. Аҳмадов
Муҳаррири техникӣ Е. Цынн
Мусаҳҳеҳон Ҳомидов М. Толибов С.

Ба матбаа 30. 06. 86 супурда шуд. Ба чопаш 5. 11. 86 имзо шуд. КО № 00242. Формати 84x108 $^1/_{32}$. Коғази типографии № 1. Гарнитураш адабӣ. Чопаш баргчаста. Ҷузъи чопии шартӣ 3,36 Ҷузъи рангаи шартӣ 3,465. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,07. Адади нашр 2000. Супориши № 11572. Нархаш 30 тин.

Душанбе, Нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Иттиҳодияи истеҳсолии Матбааҳои Ленинободи Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб ш. Ленинобод, Кӯчаи Мопр, 3.